ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ ТОҶИКОБОД

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ ТОҶИКОБОД БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2025

**Тоҷикобод-2020**

**МУНДАРИЧА**

**Рӯйхати ихтисорот** ........................................................................................................

**Пешгуфтор** ........................................................................................................................

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА**
**ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ТОҶИКОБОД** ...............................................

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ** .......................................................................................................
2.1. Соҳаи кишоварзӣ
2.2. Соҳаи саноат. ........................................................................................................................
2.3. Соҳибкории хурд ва миёна ...................................................................................................
2.4. Сохтмон.................................................................................................................

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ** .........................................................................................................
3.1. Соҳаи маориф ..........................................................................................................................
3.2. Соҳаи тандурустӣ ..................................................................................................................
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ.............................................................................................................
3.4. Соҳаи фарҳанг ва фароғат ......................................................................................................
3.5. Сайёҳӣ ва варзиш....................................................................................................................

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР** ...................................................................................................
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ .......................................................................................................
4.2. Хоҷагии манзилию коммуналӣ ..............................................................................................
4.3. Барқтаъминкунӣ ......................................................................................................................
4.4. Нақлиёт ва коммуникатсия .....................................................................................................
4.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ.....................................................................................................

**БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА**

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ** ................................................................................

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ** ..............................................................

**Замимаҳо оид ба стратегияи рушди соҳаҳо**

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| БДИ | Барномаи давлатии инвеститсионӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| Б/Ҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| Б/М | Буҷети маҳаллӣ |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| АБЗО | Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВЭС | Вазорати энергетика ва саноат |
| ГК | Гуруҳҳоикории секторӣ |
| ГФТ | Гуруҳи фаъоли ташаббускор |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон |
| М/Х | Маблағҳои худӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| МБҲ | Маркази барқии ҳароратдиҳанда |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| РЕАКТ | Гурӯҳи зудбаҳодиҳандаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамоҳангсоз |
| РИМ | Рушди иқтисодии маҳал |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| СМ | Созмонҳои маҳаллӣ |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СБСНМТ | “Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015” |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| С/Х | Сармояи хориҷӣ |
| С/Д | Сармояи дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |

**Биниши ноҳияи Тоҷикобод (Тассаввуроти ояндаи ноҳияиТоҷикобод)**

**Тоҷикобод ноҳияи аз ҷиҳати экологӣ тоза, маркази фарҳангиву таърихӣ буда, соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва махсусан соҳаи комплекси агросаноатӣ бо назардошти техналогияҳои замонавӣ ва истифодаи самараноки захираҳо табии ва моддӣ рушдёфта буда, дорои фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ мебошад, ки боиси баланд шудани дараҷаи некӯаҳволии иҷтимоӣ аҳолӣ ва инфрасохторӣ гардида, барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои зиндагии беҳатар арзёбӣ мешавад.**

## ПЕШГУФТОР

Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияи Тоҷикобод барои солҳои 2021-2025 ҳамчун ҳуҷҷати асосии ноҳия афзалият ва самтҳои умумии сиёсати ноҳияро муайян менамояд, ки он барои ноил гардидан ба рушди устувори иқтисодии ноҳия, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дарояндаи миёнамуҳлат нигаронида шудааст.

Мусоидат намудан ба афзоиши нерӯҳои истеҳсолӣ имконият медиҳад, ки ҷойҳои нави корӣ ташкил гардида, сатҳи зиндагии мардум беҳтар шавад.

Ҳамзамон, дар самти бештар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои асосии хоҷагии халқи ноҳия сол аз сол пастшавии сатҳи бекорӣ дар назар аст.

Барои ноил шудан ба ин мақсадҳо дар соҳаҳои асосии хоҷагии халқи ноҳия чораҳои мушаххас пешбинӣ гардида, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар назар дошта шудааст. Ҷалби ҳарҷи зиёди сармояҳои хориҷӣ ва дохилӣ асоси амалӣ гардидани вазифаҳои гузошташуда буда, дар ин самт аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода мегарданд.

Рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2021-2025 бо назардошти зиёдшавии имкониятҳои истеҳсолӣ пешбинӣ мешавад ва дар афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ асос мегузорад.

Бояд қайд кард, ки “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Тоҷикобод барои солҳои 2021-2025” дар доираи Ҳадафҳои рушди устувор ва ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар аз қабили Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ таҳия гардидааст.

Инчунин Барномаи мазкур дар асоси санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон“ Дар бораи мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ” ва Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Мақомотҳои худидоракунии шаҳрак ва деҳот”, “Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шудааст) таҳия шудааст.

Барномаи мазкур бо кӯмаки машваратии мутахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ёрии техникии Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид, аз ҷониби Гурӯҳи корӣ, ки бо қарори Раиси ноҳияи Тоҷикобод аз 17 августи соли 2020, №335 “Дар бораи таҳияи Барномаи рушди иқтисодию иҷтимои ноҳияи Тоҷикобод барои солҳои 2020-2025” тасдиқ гардидааст, таҳия шудааст. Дар раванди таҳияи он намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахшҳои

ҷамъиятиву хусусӣ ва мутахассисони соҳавии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии (МИҲД) ноҳия ҷалб гардидаанд.

Ба Барномаи рушди ноҳия 192 лоиҳа бо маблағи **117,6** млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 61 лоиҳа бо маблағи 43,8 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 66 лоиҳа бо маблағи 43,5 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 41 лоиҳа бо маблағи 20,1 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 19 лоиҳа ба маблағи 9,4 млн. сомонӣ бахши ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда ва 5 лоиҳа бо маблағи 0,7 млн. сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ рост меояд.

## БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ТОҶИКОБОД

***Маълумоти таърихӣ.*** Номи Тоҷикобод аз давраи қадиммулайём ҳамчун Қаротегин, маълум буд, ки тавассути он Роҳи абрешим мегузашт. Баъд аз ташкил шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар водии Қаротегин аз 27.10.1921 то 24.08.1931 ҳамчун туман Қалъаи лаби об дар ҳайати вилояти Ғарм таъсис ёфтааст. Соли 1931 дар натиҷаи таҷдиди сохтори маъмурии туманҳои вилояти Ғарм туманиҚалъаи лаби об ба тобеияти ноҳия Ҳоит гузаронида шуд. 7 августи соли 1936 ноҳияи мустақили Қалъаи лаби об ташкил гардид, ки марказаш деҳаи имрӯза Қалъаи об ба ҳисоб мерафт. Соли 1949 дар натиҷаи заминларзаи мудҳиши ноҳияи Ҳоит 90 дарсад ва қисман ноҳияҳои Қалъаи лаби об, Лахш (собиқ Ҷиргатол) ва ноҳияи Тоҷикобод (собиқ Ғарм)-ро ба вайрона табдил дод. Ҳамин тавр аз моҳи июни соли 1949 дар заминаи ноҳияҳои Қалъаи лаби об ва Ҳоит ноҳияи Тоҷикобод ташкил карда шуд. Моҳи январи соли 1963 ноҳияи Тоҷикобод барҳам дода шуда то соли 1965 дар тобеати ноҳияи Ҷиргатол (имруза Лахш) ва аз соли 1965 то соли 1991 дар тобеати ноҳияи Ғарм (имруза Тоҷикобод) қарор дошт. Аз 26 феврали соли 1991 бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳияи Тоҷикобод масоҳати 734,4 км$^2$аз нав эҳё гардид.

***Маълумоти ҷуғрофӣ.*** Масоҳати умумии ноҳияи Тоҷикобод 4,6 ҳазор км$^2$-ро ташкил намуда, 97% фоизи масоҳати онро кӯҳҳо фаро гирифтаанд.

Ноҳияи Тоҷикобод аз ҷануб ба ноҳияи Сангвор (собиқ Тавилдара), аз шарқ бо ноҳия Лахш (собиқҶиргатол), аз шимолу ғарб бо ноҳияи Тоҷикобод ҳамсарҳад аст.

Ноҳия аз сатҳи баҳр дар баландии 1650 метр ҷойгир шудааст. Дар баландиҳои 1500 то 2500 метр иқлим мӯътадил, тобистон салқин ва зимистон хунук аст. Давомнокии давраи гармо 128-216 рӯзро ташкил медиҳад. Ҳарорати миёнаи моҳи июл +18 +24$^0$С ва моҳи январ аз -5 то -15$^0$С мебошад. Миқдори боришот ба ҳисоби миёна 600-900 мм-ро ташкил медиҳад.

Ҳудуди ноҳияро аз шарқ ба ғарб дарёи Сурхоб бурида мегузарад. Ба он дарёҳои хурди бисёр ҳамроҳ мешаванд, ки калонтаринашон аз чап Шӯрак, Қайрма, Диҳдиҳӣ, Тағаяк, мебошанд.

Табиат ва иқлими ноҳия барои сайёҳӣ ва кӯҳнавардӣ мувофиқ аст. Аз ҷумла, дараҳои “Нушор”, “Мираъзиён”, ва “Мазори боло”.

**Харитаи тақсимоти маъмуриву ҳудудии ноҳияи Тоҷикобод**




***Захираҳои табиӣ.*** Ноҳия Тоҷикобод аз захираҳои табиӣ бой аст. Дар ноҳия тилло, нуқра, мис, литий (металли сабуки нуқрафом), нилобий, тантал, ангиштсанги навъи кокс (антрасит – ба таври кушод ва зеризаминӣ), намак, санги мармар, маводи сохтмонӣ, оҳаксанг, хоки кулолӣ, қуму шағал ва дигар канданиҳои фоиданоку чашмаи обҳои мусаффо мавҷуд аст.

***Вазъи демографӣ.*** Ба ҳолати 1.01.2021 аҳолии ноҳияи Тоҷикобод 44,4 ҳаз. нафар ё 1,5 фоизи аҳолии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии аҳолӣ 22,8 ҳаз. нафарро мардон (51,3 фоиз) ва 21,6 ҳаз. нафарро занон (48,7 фоиз) ташкил медиҳанд. Суръати миёнаи афзоиши солонаи аҳолӣ 2,3 фоиз ва зичии аҳолӣ 9,6 нафарро дар 1 км$^2$ ташкил медиҳад. Дар давоми солҳои 2018-2020 аҳолии ноҳия 3,2 ҳазор нафар ё 7,8 фоиз афзоиш ёфтааст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 48,7 фоиз ба кор машғул ва 11,8 фоизи он дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд. Шумораи бекорони ба қайд гирифташуда мувофиқи маълумоти оморӣ 2,2 фоизи аҳолии қобили меҳнатро ташкил медиҳад. Барои дар оянда таъмин намудани аҳолӣ ба ҷои кори доимӣ, таъсис додани корхонаҳои хурду миёна ба мақсад мувофиқ аст.

Ноҳия аз рӯи хусусияташ аграрӣ буда, 100 фоизи аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Ҳайати иҷтимоии аҳолии ноҳияро 99,9 фоиз тоҷикҳо ташкил медиҳанд. Дар ноҳия 5 ҷамоати деҳот мавҷуд аст. Маркази ноҳия деҳаи Тоҷикобод мебошад.

***Тамоюлҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ.*** Тоҷикобод ноҳияи аграрӣ ба ҳисоб рафта, соҳаи саноати рӯ ба инкишоф дорад. Кишоварзӣ натанҳо соҳаи асосии пешбурди иқтисодиёт, балки хусусияти иҷтимоӣ дошта аксарияти аҳолии қобили меҳнат дар деҳот зиндагӣ мекунад. Дар доираи татбиқи ислоҳоти бахши кишоварзӣ дар заминаи хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2021 - 1519 адад

хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) ҷамоавӣ ва инфиродӣ ташкил карда шудааст. Масоҳати умумии заминҳои истифодабари корхонаҳои кишоварзии ноҳия дар ин давра 5153 гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 1694 га заминҳои лалмӣ (32,9%) ва 3459га заминҳои обӣ (67,1%) мебошад.

Маҷмӯи маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар соли 2020– 180 млн. 419 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла соҳаи чорводорӣ 74668,6 млн. сомонӣ ва соҳаи растанипарварӣ 105750,2 млн. сомониро ташкил додааст. Саршумори чорвои калони шохдор дар ноҳия ба 19915 сар, чорвои майда 61482 сар, 413 сар асп, 5529 оилаи занбури асал ва парранда ба 44200 сар расонида шуд.

Барои баланд бардоштани даромаднокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳия мушкилиҳои зерин монеагӣ менамоянд: кам будани заминҳои киштбоби обёришаванда, таъмини набудан бо тухмиҳои хушсифат, норасогии оби полезӣ, техникаи муосири кишоварзӣ, нуриҳои минералӣ, дур будани бозори фӯруши маҳсулоти кишоварзӣ, норасогии захрхимикатҳои хушсифат, инчунин ҳолати ғайриқаноатбахши заминҳои кишоварзии ноҳия. Ҳамзамон, дар ноҳияи Тоҷикобод соҳаи саноат низ инкишоф ёфтааст. Дар ноҳия 3 корхонаи саноатӣ – ҶДММ "Ҳунарманд", ҶДММ «Орзу-77», ҶСП "Тоҷикободхишт" фаъолият менамоянд. Аз ҷумла корхонаи Тоҷикободхиш аз сабаби қарздор шданаш аз бонкҳо аз фаъолият боз мондааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2020 беш аз 4446,0 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки ру ба афзоиш дорад. Дар корхонаҳои саноатии ноҳия маҳсулоти сохтмонӣ, асбоби рузгор, мебел ва маҳсулоти хуроквbooрӣ истеҳсол карда мешавад. Соли 2020 дар миқёси ноҳияи Тоҷикобод 32,8 млн. кВт\соат қувваи барқ истифода шудааст.

***Маълумот оид ба иқтидори мавҷудаи ҷамоатҳои деҳоти ноҳияи Тоҷикобод***

| № | Номи ҷамоатҳо | Масофа то маркази ноҳия (км) | Шумораи оила | Шумораи аҳолӣ | Мактаб | | Масҷид | | Мағоза | Клуб | Маркази фарогатӣ | Китобхона | Беморхона | Маркази саломатӣ | Бунгоҳи тиббӣ | Осиёби барқӣ | Ҷувози барқӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Мактаби миёна ва умумӣ | Мактаби ибтидоӣ | Ҷомеъа | Панҷвақта | | | | | | | | | |
| 1 | ч/д. Қалъа лаби об | 1 | 1950 | 13105 | 5 | 2 | 1 | 3 | 58 | 1 | 13 | 4 | 1 | 1 | 3 | 2 | 1 |
| 2 | ч/д. М.Шогадоев | 4 | 1230 | 5775 | 2 | 1 | - | 3 | 16 | - | 5 | 1 | - | 1 | 2 | 1 | - |
| 3 | ч/д. Нушор | 12 | 3253 | 13836 | 9 | 4 | 1 | 5 | 32 | - | 10 | 4 | 1 | 1 | 7 | 1 | 1 |
| 4 | ч/д. Лангари шоҳ | 23 | 1937 | 11777 | 11 | 5 | 1 | 4 | 17 | 1 | 13 | 3 | 1 | 1 | 7 | 1 | - |
| 5 | ч/д. Ширинчашма | 10 | 1050 | 4843 | 3 | 2 | - | 2 | 4 | - | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 3 | - |
| | **Ҳамагӣ:** | | 9420 | 49336 | 30 | 14 | 3 | 20 | 127 | 2 | 46 | 13 | 4 | 5 | 20 | 9 | 2 |

Имрӯз дар ноҳияи Тоҷикобод 43 муассисаи таҳсилоти умумӣ, аз он муассисаи таҳсилоти миёна, 20 асосӣ, 14 ибтидои 9 ва 1 кӯдакистон фаъолият менамоянд ва дар онҳо 10539 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуда, ба онҳо 621 нафар омӯзгорон таълим медиҳанд. Оғози таҳсили 2020-2021 боз 36 нафар омӯзгорони ҷавон ба кор шуруъ намуда, дар мактабҳои ноҳия 51 омӯзгорони фаннӣ намерасанд. Дар 1 муассисаи томактабии амалкунанда 119 нафар кӯдакон фаро гирифта шудаанд.

## *Таҳлили ҳолати воқеии ноҳияи Тоҷикобод (SWOT)*

| | **Тарафҳои қавӣ** | **Тарафҳои заиф** |
|---|---|---|
| *Омилҳои дохилӣ* | • Мавҷуд будани захираҳои табиӣ, аз ҷумла ангишсанг, намак, обҳои маъданӣ, қум, шағал ва дигар масолеҳи сохтмонӣ;<br>• Шароити хуби иқлимӣ барои парвариши кулли зироатҳои кишоварзӣ (махсусан, растанипарварӣ, боғдорӣ ва ғайра);<br>• Мавҷуд будани заминҳои обӣ ва заминҳои лалмӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бунёди боғҳои нав;<br>• Мавҷуд будани талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори дохилию берунӣ;<br>• Мавҷуд будани чарогоҳҳои васеъ барои рушди соҳаи чорводорӣ;<br>• Мавҷуд будани захираҳои зиёди замини обёришаванда;<br>• Мавҷуд будани дарёҳои зиёд барои рушди соҳаи барқ;<br>• Мавҷуд будани захираҳои меҳнатии озод ва арзон дар ноҳия;<br>• Мавҷуд будани ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ (асрҳои қадим);<br>• Дастрас будани инфрасохтори аввалиндарачаи иҷтимоиву иқтисодӣ;<br>• Мавҷуд будани табиати гуногунранги ҷалбкунанда, кӯҳҳои баланду қуллаҳои сарбафалак барои инкишофи соҳаи туризм бахусус соҳаи кӯҳнавардӣ;<br>• Мавҷуд будани барномаи миёнамӯҳлати рушди ноҳия. | • Фарсуда ва корношоям гардидани техникаҳои мавҷуда, паҳн шудани ҳашоротҳои зараррасон ва дигар касалиҳо;<br>• Корношоям будани каналҳо ва дастрас набудани оби полезӣ;<br>• Набудани нуқтаҳои қабул ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа;<br>• Паст будани шароити хизматрасонии ҳадамоти бойторӣ ва набудани нуқтаҳои фурӯши доруворӣ барои чорво;<br>• Набудани маблағ барои азхудкунӣ ва обёри намудани онҳо;<br>• Набудани сармоя барои бунёди неругоҳҳои хурду миёна;<br>• Набудани ҷойҳои кории зарурӣ ва музди меҳнати ночиз;<br>• Набудани брошураҳои алоҳида, буклетҳо ва суст ба роҳ мондани кори тарғиботиву реклама оид ба ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва сайёҳӣ;<br>• Таъмирталаб будани роҳҳои маҳаллӣ ва иншоотҳои обтаъминкунӣ;<br>• Нокифоя будани маблағҳои зарурӣ барои иҷрои Барнома;<br>• Дастрас нашудани техника ва технологияи лозимӣ, нарасидани барқ ва воситаҳои молиявӣ;<br>• Аз кор рафтани мутахассисони баландихтиссос ва норасоии мутахассисони соҳибтаҷриба;<br>• Баланд будани сатҳи таваллуд дар хона.<br>• Бад будани ҳолати иншоотҳои инфрасохтории иҷтимоӣ;<br>• Норасоии мутахасиссони соҳаи тиб, маориф ва ғайра. |
| | **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| *Омилҳои беруна* | • Сохтмони роҳи оҳани Лахш - Қирғизистон<br>• Мавҷудияти қарори дахлдори ҳукумат оид ба аз худкунии заминҳои бекорхобида;<br>• Мавҷудияти барномаҳои соҳавии дар сатҳи миллӣ қабулгардида (маориф, кишоварзӣ, тандурустӣ ва ғ). | • Обхезии дарёи Сурхоб ва шусташавии заминҳо;<br>• Баландшавии тавваррум;<br>• Тағир ёфтани иқлим ва бад шудан ҳолати муҳити зист (дигаргуншавии экологӣ);<br>• Боло рафтани бӯҳрони иқтисодӣ ва таъсири он ба минтақа;<br>• Ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ (сел, ярч, тарма, обхезӣ, заминларза ва ғ.) |

# БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Соҳаи кишоварзӣ.

Ноҳияи Тоҷикобод аз нигоҳи хусусияти иқтисодиаш ноҳияи аграрӣ буда, кишоварзӣ дар рушди иқтисодии ноҳия нақши асосиро мебозад. Дар соҳаи кишоварзӣ 85% аҳолии қобили меҳнат фаъолият менамоянд ва барои қисми зиёди сокинони ноҳия кишоварзӣ манбаи ягонаи даромад ба шумор меравад. Самтҳои асосии соҳаи кишоварзии ноҳия чорводорӣ ва растанипарварӣ мебошад. Истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзии ноҳия хоҷагиҳои деҳқонӣ коллективӣ (45%), хоҷагиҳои инфиродӣ (55%) мебошанд. Ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ коллективӣ ва инфиродӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, алалхусус дар истеҳсоли картошка, ғалладонагиҳо ва сабзавот ва хоҷагиҳои инфиродӣ бошад, дар истеҳсоли гӯшт, шир, пашм, тухм, асал, мева зиёд мебошад.

Аҳолии ноҳия асосан ба чорводорӣ ва парвариши растаниҳои ғалладонагӣ (гандум, ҷав ва лӯбиёгӣ, картошка, сабзавот, мева, хӯроки чорво машғул мебошанд. Аксарияти аҳолии деҳот даромади худро аз ҳисоби фурӯши картошка, сабзавот, мева ва маҳсулоти чорводорӣ ба даст меоранд.

Мақсади асосии кишоварзони ноҳия дар давоми панҷ соли оянда (2021-2025), дар доираи Барномаи рушди ноҳия ташкили корхонаҳои хурди коркарди меваю сабзавот ва пӯсту пашм, хушзоткунии чорвои маҳаллӣ, рушди занбӯри асалпарварӣ беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда, азхудкунии заминҳои нав, бо роҳи интенсивӣ бунёд намудани боғҳои нав ва истифодаи самараноки чарогоҳҳои мавҷуда, пайваста зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои асосӣ ҷиҳати таъмини аҳолии ноҳия бо маҳсулоти хушсифати маҳаллӣ ва таъминин амнияти озуқаворӣ махсуб меёбад.

Барои ноил гардидан ба ҳадафи гузошташуда дар давоми солҳои 2021-2022 иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошад:

- баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо;
- ҷорӣ намудани технологияҳои нави кишоварзӣ;
- таъмин намудани бозори дохилӣ ва берунӣ ба маҳсулоти тару тоза;
- таъсиси чойҳои нави корӣ.

Ҳалли вазифаҳои гузошташуда тариқи андешидани тадбирҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- Идома додани низоми ислоҳот дар соҳаи кишоварзӣ;
- Пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок барои васеъ намудани истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ;
- Ба роҳ мондани усули навӣ обёрии заминҳо;
- Таъмин намудани хоҷагиҳо ба тухмиҳои баландсифат ва нуриҳои менералӣ;
- Бо усули интенсивӣ ба роҳ мондани парвариши зироатҳо;
- Бунёди гармхонаҳо ва анборҳои замонавӣ барои нигоҳдории маҳсулот;
- Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо;
- Ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида.

**Сохтори хоҷагиҳои кишоварзӣ.** Дар ноҳия 3022,4 гектар замини корами хоҷагиҳои ҷамоавӣ инфиродӣ (1771,91 га обӣ), 21487,86 га замини умумии хоҷагиҳои коллективӣ (882,35 га обӣ), 2452,92 гектар замини назди ҳавлигӣ (1819,75 га обӣ) ва 437 гектар (88 га обӣ) замини хоҷагиҳои ёрирасони (Президентӣ) дар соҳаи

кишоварзӣ мавриди истифода қарор доранд. Аз ҷумла, дар заминҳои истифодаи кишоварзӣ 11 адад хоҷагии деҳқонии коллективӣ, 1497 хоҷагии деҳқонии инфиродӣ, 1 адад хоҷагии давлатӣ навъсанҷӣ ва 1 адад хоҷагии ниҳолпарварӣ дар ҳудуди хоҷагии «Себзор» фаъолият менамояд. Дар ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2021 шумораи умумии хоҷагиҳои хонагӣ 6942 ададро ташкил медиҳад, аз он саҳмдорон дар хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия 2562 нафар буда, 1819 нафари онҳоро занҳо ташкил медиҳанд.

Шумораи зиёди хоҷагиҳо ҷамоавӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ дар ҷамоатҳои Қалъаи Лаби Об ва Нӯшор ҷойгир мебошанд.

Сатҳи ҷойгиршавии хоҷагиҳо ба маркази ноҳия ба рушди иқтисодӣ ва дараҷаи инкишофи инфрасохтор онҳо мусоидат менамояд. Қариб 48 фоизи хоҷагиҳо аз маркази ноҳия дар масофаи аз 11 км дуртар ҷойгир мебошанд.

Ба арзиши маҳсулоти кишоварзӣ ҳолати техникии роҳҳои маҳаллӣ таъсир мерасонад ва ҳангоми кашонидани маҳсулот ба бозори дохилӣ ва берунӣ ба хоҷагиҳо хароҷотҳои иловагиро ба вуҷуд меорад. Ҳамаи ин ба арзиши маҳсулоти истеҳсолшудаи хоҷагиҳо таъсир расонида, боиси баланд шудани нарх дар бозор мешавад.

Дар ноҳия сарчашмаи даромаднокии хоҷагиҳо асосан аз ҳисоби фурӯши мева, картошка, асал, чорво ва даромадҳои ғайрикишоварзӣ (тиҷорати хурд-28%, корҳои берун аз ҳудуди ноҳия (интиқоли пулӣ) 24 %, корҳои доимӣ - 20.4 %, хоҷагиҳои ёрирасон 14 %, корҳои тавассути шартнома ва иҷора-8,5% ва дигар манбаҳо 5,1 %) мебошад.

Кишварзони ноҳия аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ даромад мегиранд, аз ҷумла ба фурӯши мева 45%, картошка 42%, фурӯши гандум 5% ва дигар маҳсулотҳо 29,0% машғуланд[1].

Чиҳати афзоиши истеҳсолоти кишоварзӣ, дар доираи татбиқи Барномаи мазкур то соли 2020 азхудкунӣ ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобидаи Дашти Боқӣ, Кӯли Мирзангӣ (зиёда аз 800 га) ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои мавзеъҳои Регак, Дашти Боқӣ пешбинӣ мегардад. Дар натиҷаи ин дар назар аст, ки аз ин ҳисоб ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ 28,3 фоиз ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ 8,2 фоиз зиёд хоҳад шуд.

***Таъминоти техникии хоҷагиҳои кишоварзӣ.*** Хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия ба таври кофӣ бо техникаи нави кишоварзӣ таъмин нестанд. Ба ноҳияи Тоҷикобод аз соли 1992 инҷониб ҳамагӣ 54 адад трактори чархдор ворид шудааст, ки аз он 9-адад дар тавозуни КВД "Тоҷикагролизинг" мебошад. Худи муассисаи мазкур дар ноҳияи Тоҷикобод дорои нуқтаи таъмири техникӣ ва идораи маъмурӣ мебошад. Зимнан ба ҳар як трактори воридшуда 112 гектар замини корам, 31,4 гектар майдони боғ ва дар маҷмӯъ ба ҳар трактор 112 гектар замин рост меояд. Таъмин будан бо техникаи муосир дар рушди соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим мебозад. Барои таъмир ва барқарорсозии техникаю таҷҳизотҳои солҳои шуравӣ, ки 316 адад техникаҳои гуногун тамға мавҷуд аст, ки таъмир ва барқарорсозии техникаҳо аз ҳисоби хоҷагиҳо низ ғайриимкон мебошад.

Аз техникаи мавҷуда 65 фоиз ё 204 адад дар ҳолати корношоям қарор дошта, таъмири онҳо маблағи зиёдро талаб мекунад. Хоҷагиҳои кишоварзӣ аз сабаби нокифоягии воситаҳои молиявӣ имконияти таъмири техникаҳоро надоранд. Бинобар ин, бояд дар ноҳияи Тоҷикобод фаъолияти КВД "Тоҷикагролизинг" тақвият дода шуда, теъдоди техникии он иловатан ба 40 адад зиёд карда шавад. Душвориҳои асосие, ки ба он хоҷагиҳои кишоварзӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ин пеш аз

[1]ҲРУ 2

ҳама дар ҳолати ногувор қарор доштани базаи моддию техникӣ, суст будани вазъи молиявии хоҷагиҳо, дастрас набудани қисмҳои эҳтиётӣ, камчинӣ ва гаронии нархҳои сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, фарсуда шудани бештари техникаю таҷҳизоти кишоварзӣ, норасогии кадрҳои баландихтисос ва ғайра маҳсуб меёбад.

**Истифодаи замин**. Аз рӯи маълумоти расмӣ ба ҳолати 1 январи соли 2021 майдони умумии заминҳои истифодабарии корхонаҳои кишоварзӣ 35877,93 гектар ба қайд гирифта шуда, аз ин 3971,4 га обӣ мебошад. Аз майдони умумӣ 3022,4 га замини корам (аз ҷумла 1771,91 га обӣ ва 1250,49 га лалмӣ) аст. Дар тавозуни хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия 28674,39 га замин, аз ҷумла 1943,62 га обӣ мавҷуд аст.

Дар ноҳия 6942 хонавода (49208 нафар аҳолӣ) ба қайд гирифта шудааст. Ба ҳисоби миёна дар ноҳияи Тоҷикобод ба як хоҷагии хонагӣ (аз оилаҳое, ки заминҳои обӣ доранд) 0,34 га замини обӣ рост меояд.

Дар ҳудуди ноҳия заминҳои партов (боир) ба қайд гирифта нашудааст.

Қобили тазаккур аст, ки аз майдони умумии заминҳои кишоварзӣ 53 фоиз замини наздиҳавлигӣ, 0,01 фоиз замини хоҷагии ёрирасон 46,99 фоиз дигар заминҳо мебошанд. Дар заминҳои обӣ картошка, сабзавот, ғалладонагӣ ва зироатҳои хӯроки чорво кишт карда мешавад.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо меваи тару тоза дар ду соли охир дар ҳудуди ноҳия дар заминҳои бекорхобида аз ҳисоби маблағҳои худии хоҷагиҳои кишоварзӣ 43 гектар боғҳои нави себ ва зардолу, боғҳои мевадиҳанда бунёд шудааст. Илова бар ин, дар соли 2020 дар Ҷамоати деҳоти Қалъаи лаби об (22 га) аз ҳисоби заминҳои нишеби аз ҳисоби маблағҳои худии хоҷагиҳои кишоварзӣ ва сармояи хориҷӣ боғ бунёд карда шуда, 25 гектар блок чангалҳои нав бунёд гардиданд.

Дар ноҳияи Тоҷикобод қисми зиёди заминҳои кишоварзӣ асосан барои кишти ғалладона, картошка ва хӯроки чорво истифода бурда мешаванд. Соли 2020 аз захираи заминҳои корами дар ноҳия мавҷуд буда, бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, дар майдони 5441 гектар кишти зироатҳо гузаронида шуд, ки нисбати соли 2019 масоҳати кишт ҳамагӣ 64 га зиёд мебошад. (аз ҳисоби аз гардиши кишоварзӣ берун намудани 72 га заминҳо хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия дар натиҷаи омадани сел ва шуста шудани қабати ҳосилхези хок аз гардиши кишоварзии ноҳия берун мондаанд.

Аз майдони заминҳои корами ноҳия 69 фоиз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (2721га), 31 фоиз ба хоҷагиҳои аҳолӣ (1147 гектар, аз ҷумла 437 гектар заминҳои президентӣ ва 710 гектар замини наздиҳавлигӣ) ва 0,02 фоиз ба идораҳои давлатӣ (33 гектар) рост меояд.

Аз майдони умумии кишти гузаронидашуда, майдони кишти ғалладонагиҳо 1485 гектар, майдони кишти картошка 1879,7 гектар, майдони кишти сабзавот 351 гектар ва майдони кишти зироатҳои хӯроки чорво бедаи нав 19,9 га бедаи куҳна 1638 гектарро ташкил додааст. Бояд қайд намуд, ки азхудкунии заминҳои нав бояд дар ноҳия бо назардошти ҳолати геофизикии замин ва бо истифода аз усули террасавӣ амалӣ карда шаванд. Мувофиқи талаботҳои муқарраргардидаи агротехникӣ ва ҳифзи муҳити зист, заминҳое, ки пастхамиашон аз 20% зиёд мебошанд, бояд азхудкуниашон бо мақсади бунёди боғ ва ҷангалзор истифода гарданд.

***Маҳсулоти кишоварзӣ ва даромад аз он.*** Кишоварзон ноҳияи Тоҷикобод соли 2020 бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар ҳаҷми 180 млн 419ҳ сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз он 74,7 млн. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ (42%) ва 105,7 млн. сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ (58%) рост меояд. Ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва оилавӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёдтар аст. Мувофиқи маълумоти омори расмӣ соли 2020 ба ҳар нафар сокини ноҳия 69,4 кг ғалладонагӣ, 521,75 кг картошка, 179,5 кг сабзавот, 113,8 кг мева, 46 дона тухм, 242 литр шир ва 40,7 кг гӯшт рост меояд.

Дар ноҳия ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давоми солҳои 2019-2020 ба маблағи 4469,5 млн. сомонӣ ва ё 102,5 фоиз зиёд гаштааст. Маҳсулоти истеҳсолшуда аз намудҳои картошка, сабзавот ва мева метавонад ҳам талаботи дохилии ноҳияро қонеъ гардонад ва ҳам содирот карда шавад. Вале масоҳати заминҳои киштбоби ноҳия барои пурра таъмин намудани аҳолии ноҳия бо тамоми намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ басанда нест. Бо назардошти иқтидорҳои мавҷуда, истифодаи заминҳои бекорхобида ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо тариқи таъмиру барқарорсозии шабакаҳои обёрӣ, истифодаи самараноки заминҳои мавҷуда, азхудкунии заминҳои бекорхобида, дар ноҳия имконияти аз худ намудани 400 га замини нав мавҷуд аст.

Мувофиқи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соли 2020 дар ноҳияи Тоҷикобод ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои амалкунанда 180,4 млн. сомонӣ иҷро гардидааст, ки аз ин 105,7 млн. сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ ва 74,7 млн. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ рост меояд. Дар доираи Барномаи рушди ноҳия дар ноҳия афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби истифодаи тухмиҳои хушсифат, иҷрои саривақтии тадбирҳои илман асосноки агротехникӣ, азхудкунии заминҳои нав таъмин карда шуда, суръати афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ соли 2020 бо нархҳои ҷорӣ нисбати соли 2019 ба 102,5% ё ин ки ба 4,5 млн сомонӣ (180,4-175,9)- 4,5 зиёд гардидааст.

***Чорводорӣ.*** Ноҳияи Тоҷикобод барои рушди соҳаи чороводорӣ ва ташкили манбаи хӯроки чорво шароити хуб дорад, зеро 48,7 фоизи масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ аз чарогоҳҳо (35802,3 га аз он ҷумла чарогоҳҳои тобистона 18250,11 га ва 17552,49 гектар чарогоҳи баҳорию тирамоҳӣ) иборат мебошанд. Чорводорӣ яке аз бахшҳои асосии кишоварзии ноҳияи Тоҷикобод маҳсуб ёфта, вазни қиёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия 42 фоизро ташкил медиҳад. Дар соли 2020 хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия дар ҳаҷми 180,4 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки нисбати соли 2019 - 2,5 фоиз ё 4469,5 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Аз рӯи маълумоти расмии оморӣ дар ноҳия то 1 январи соли 2021 ҳамагӣ 81810 сар чорвои калону майда ба қайд гирифта шудааст, ки асосан ба аҳолӣ тааллуқ дошта, дар қиёс ба соли 2019 ба андозаи 508 сар ва ё 1,5 фоиз зиёд гаштааст.

Дар ноҳия 100 фоизи фурӯши чорво ва парранда, тавассути хоҷагиҳои шахсӣ сурат мегирад. Дар ноҳия ба фурӯши чорвои калони шохдор 82 фоизи хоҷагиҳои шахсӣ ва ба фурӯши бузу гӯсфанд 18 фоизи хоҷагиҳо машғул мебошанд. Барои рушди соҳаи чорводорӣ ва ташкили базаи хӯроки он шароити хуб мавҷуд аст, зеро майдони умумии чарогоҳҳои ноҳия 35802,6 гектарро ташкил медиҳад, ки ин ба 48,7%-и майдони умумии заминҳои кишоварзӣ баробар аст.

Соҳаи чорводорӣ дар ноҳия ба беҳбудии ҷиддӣ ниёз дошта иҷрои як қатор тадбирҳо, аз ҷумла зиёд намудани майдони кишт ва мустаҳкам намудани базаи хӯроки чорво, зиёд намудани саршумори чорвои хушзот, гузаронидани корҳои тарғиботию ташфиқоти дар байни аҳолӣ барои беҳтар намудани зотҳои чорвои шахсӣ, сари вақт гузаронидани чорабиниҳои лозима марбут ба пешгирии касалиҳои чорво ва бунёди кашарҳоро ва ғайраро тақозо менамояд.

***Растанипарварӣ.*** Дар сохтори маҷмӯи умумии маҳсулоти кишоварзии ноҳия соҳаи растанипарварӣ 58 фоизро ташкил медиҳад. Хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия ба парвариши ғалладонагӣ (гандум, ҷав, лӯбиёгиҳо), картошка, сабзавот ( сабзӣ ) ва хӯроки чорво (юнучқа, ҷавдор ва испарсет) машғуланд. Дар ноҳия истеҳсоли зироати картошка нисбати дигар зироатҳо бештар буда, вазни хоси умумии истеҳсолоти маҳсулоти растанипарварии қисми картошка 66 %-ро ташкил медиҳад. Солҳои охир аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои боир майдонҳои кишти

ғалладона 5 га, кишти зироатҳои хӯроки чорво 32 га, кишти картошка 5 га ва майдони кишти сабзавот 3 га зиёд гардида, дар майдони 22 га боғи нав бунёд карда шудааст.

Дар соли 2020 нисбати соли 2019 дар ноҳия ҳосилнокии ғалладонагиҳо 0,9%, меваҷот 24% афзоиш ёфтааст. Майдони кишти картошка ҳаҷми истеҳсоли он дар соли 2020 нисбати соли 2019 ба андозаи 6,6% зиёд шудааст.

Дар доираи Барномаи рушди ноҳия тибқи дурнамо дар соли 2025 нисбат ба соли 2020 истеҳсоли ғалладонагӣ 9 фоиз, картошка 1,9 фоиз, сабзавот 0,9 фоиз ва мевагӣ 28,6 фоиз зиёд мегардад. Тӯли солҳои 2021-2025 васеъ намудани майдони боғҳо аз ҳисоби 77 га заминҳои ғайрикорами кишоварзӣ ва азхудкунии заминҳои нишебу санглохи бекорхобида ва аз нав барқароркунии 48 га боғҳои кӯҳна пешбинӣ гардида, 67 ҷои нави корӣ ташкил мегардад. Танҳо дар солҳои 2021-2025 дар ноҳия бунёд намудани 77 га боғи нав ва 27 га ҷангалзор пешбинӣ гардидааст.

Соли 2020 дар мавсими ниҳолшинонӣ 19000 бех ниҳол шинонида шудааст, ки 100 бехи он ниҳолҳои ороишӣ мебошанд. Бо сабаби дар ноҳия мавҷуд набудани корхонаи коркарди мева миқдори зиёди мева исроф гардида, он ҳамчун хӯроки чорво истифода мегардад ва сабаби зарари молии хоҷагиҳои боғпарварӣ мегардад. Дар ояндаи наздик зарурияти ташкили нуқтаи қабули меваи хушк ва сохтмони коргоҳҳои хурди коркарди меваю сабзавот дар маркази ноҳия ва ҷамоатҳои деҳот яке аз афзалиятҳои асосии Барномаи рушди ноҳия мебошад.

Дар ноҳияи Тоҷикобод 75 фоизи хоҷагиҳо дар масофаи 40 то 60 км дуртар аз маркази ноҳия ҷойгир шудаанд. Дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ кашонданидани маҳсулотро аз хоҷагиҳо то маркази ноҳия душвор мегардонад. Омилҳои мазкур ба арзиши маҳсулоти истеҳсолшудаи хоҷагиҳо таъсиррасонида, боиси баланд шудани нарх дар бозор мегардад. Дар натиҷа, аксари вақт маҳсулоти хоҷагиҳо чи дар бозори дохилӣ ва чи дар бозори беруна ба савдо намеравад ва боиси зарари хоҷагиҳо мегардад.

**Ғалладонагӣ.** Дар сохтори майдонҳои кишти ғалладона ҳиссаи майдонҳо барои гандум зиёдтар мебошад. Соли 2020 дар майдони 1485 га кишти зироатҳои ғалладонагӣ гузаронида шуд, ки ин 43 фоизи майдони кишти умумиро дар ноҳия ташкил медиҳад. Истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ соли 2020 дар қиёс ба соли 2016 қариб 7,5% зиёд ва ҳосилнокӣ бошад 1,5 сентнер коҳиш ёфтааст. Бештари кишти ғалладонагӣ дар заминҳои лалмӣ гузаронида мешавад ва аз ин сабаб ҳосилнокӣ дар қиёс ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ паст аст. Заминҳои обӣ барои парвариши картошка, сабзавот, хӯроки чорво (юнучқа, эспарсет) ва гандум истифода мешаванд. Дар ноҳия ҳиссаи хоҷагиҳои хонагӣ, ки дар қисми замин гандум истеҳсол мекунанд 48 %- ро ташкил медиҳад.

Истеҳсоли ғалладонагӣ дар ноҳияи Тоҷикобод дар соли 2020 ҳамагӣ 3417,3 тоннаро ташкил медиҳад. Заминҳои ноҳияи Тоҷикобод барои парвариши ғалладонагӣ мусоид буда, дар ҳолати пурра ва самаранок истифода бурдани онҳо метавонад талаботи аҳолии ноҳияро таъмин намояд. Дар сурати бунёди навбати дуввуми канали Себистон ва таъмиру барқарорсозии каналҳои Дашти Боқӣ, Кӯли Калон, Сари Пул, Капалӣ, Фатҳобод, Сабзазор ҳолати мелиоративии заминҳо беҳтар шуда, барои зиёдшавии маҳсулоти кишоварзи имконияти хуб фароҳам меояд.

**Сабзавоткорӣ.** Дар ноҳияи Тоҷикобод кишти сабзавот барои таъмин намудани бозори дохилӣ ва беруна ба роҳ монда шудааст. Соли 2019 дар майдони 577 га сабзавот кишт карда шуда, аз он 9781,5 тонна маҳсулот гирифта шуд, ки нисбати солҳои 2017-2018 мутаносибан 1,4 фоиз ва 1,3 фоиз зиёд аст. Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки тайи солҳои охир заминҳои кишти сабзавот зиёд карда шуда, аз 375 гектари соли 2016 то 577 га дар соли 2019 расонида шуд, ки ба андозаи27% зиёд мебошад.

Аҳолӣ асосан ба парвариш сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг, қаламфур, карам ва кабудӣ шуғл доранд. Минтақаҳои сабзавоткорӣ асосан дар ҷамоатҳои Нӯшор, Шогадоев, қисман Қалъаилабиоб ва Лангаришоҳ мебошанд.

Истеҳсоли сабзавот дар ноҳияи Тоҷикобод дар муқоиса ба ноҳияи Лахш 3,7 маротиба зиёд аст. Ноҳияи Тоҷикобод метавонад талаботи бозори ноҳияи Лахшро ба сабзавоти тару тоза таъмин намояд.

**Картошкапарварӣ.** Картошкапарварӣ соҳаи асоси барои хоҷагиҳои ноҳия буда, 90 дарсади хоҷагиҳои хонагӣ ба парвариши картошка шуғл доранд. Барои аҳолии ноҳия 51 фоизи сарчашмаи даромад аз ҳисоби фурӯши картошка ба даст меояд.

Ноҳияи Тоҷикобод яке аз ноҳияи асосии истеҳсолкунандаи картошка дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, соли 2020 ҳамагӣ 25674,5 тонна ё 1,8 дарсади ҳаҷми умумии картошкаи ҷумҳуриро истеҳсол намудааст. Солҳои охир майдони кишти картошка 40 фоиз зиёд шуда, истеҳсоли он аз 21654 тоннаи соли 2016 ба 25674,5 тонна дар соли 2020 расонида шудааст.

Сабаби ба қадри кофӣ рушд наёфтани ҳосилнокӣ соҳаи картошкапарварӣ дар ноҳия ин дар мавсими парвариши он нарасидани оби полезӣ, гарон будани арзишӣ нуриҳои маъданӣ, риоя накардани қоидаҳои агротехникӣ, паст будани сифати тухмӣ ва дигар сабабҳои объективию субективӣ мебошанд. Дар соли 2020 ҳосилнокӣ нисбати соли 2019 ба андозаи 12 сентнер ва нисбати соли 2018 – 10,2 сентнер кам шудааст. Таҷриба нишон медиҳанд, ки дар шароити ноҳия истеҳсоли ҳосили картошкаро аз 1 га то ба 350-400 сентнери расонидан имконият дорад. Сабаби рух додани чунин ҳолат дастрас набудани тухмии хушсифат, нуриҳои минералӣ, техникаи кишоварзӣ, зиёд шудани ҳашаротҳои зараррасон ва касалиҳои сирояткунанда мебошад. Хоҷагиҳои картошкапарвари ноҳия ҷиҳати баланд бардоштани ҳосилнокӣ ба тухмии аълосифат ва моводи кимёвӣ барои мубориза бар зидди ҳашаротҳои зараррасон ниёз доранд. Феълан, дар шароити кунунӣ барои қисми зиёди сокинони ноҳия сарчашмаи асосии даромад аз фурӯши картошка ба даст меояд ва дар суръати коҳиш ёфтани истеҳсоли картошка даромаднокии аҳолӣ метавонад кохиш ёбад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки истеҳсоли картошка сол аз сол зиёд шуда барои хоҷагии халқи ноҳия фоида меорад. Маблағи фурӯши картошка нисбати арзиши асли он дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидори зиёд буда, сол то сол даромади хоҷагиҳо боло рафта истодааст. Дар воқеъ, қисми зиёди сокинони ноҳия даромади худро аз фурӯши картошка, сабзавот мева ва чорво ба даст меоранд ва соҳаи афзалиятнок барои ноҳия рушди соҳаҳои картошкапарварӣ, боғдорӣ ва ғаллакорӣ ба ҳисоб меравад.

Дар хоҷагиҳои картошкапарварии ноҳия солҳои тӯлони истифода бурдани як навъи тухмии картошка ба ҳосилнокии он таъсири манфӣ расонида истодааст. Бинобар ин дар ноҳия таъсис додани хоҷагии тухмипарварии махсусгардонидашуда бомаврид аст. Агар дар яке аз мавзеъҳои мувофиқи ноҳия хоҷагии тухмипарварӣ бо мутахассисони таҷрибадор таъминбуда ташкил карда шавад, ноҳия имконият дорад, ки дигар минтақаҳои ҷумҳуриро бо тухмии аълосифат таъмин намояд, зеро агар тухмии картошка аз минтақаҳои сард ба минтақаҳои гарм интиқол дода шавад, мӯҳлати истифодаи он бардавом мешавад.

Омили асосии баланд шудани ҳосилнокӣ, ин истифодаи нуриҳои маъданӣ мебошад, ки дар парвариши қариб ҳамаи маҳсулотҳо истифода мешавад. Дар заминҳои обӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокии кишти ҷав, картошка, гандум ҳамеша пору ва нуриҳои маъданӣ истифода мешаванд. Мутаассифона, дастрас намудани нуриҳои маъданӣ барои хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия аз сабаби баланд будани нарх ва кашонидани он хело гарон аст. Инчунин дар мавриди зарурӣ истифода набурдани нуриҳои маъданӣ аз тарафи хоҷагиҳо аз ҳамин сабаб мебошад.

Сол аз сол зиёд шудани ҳамагуна касалиҳо ва ҳашаротҳои зарарасон ба ҳосилнокии картошка таъсири худро низ расонидааст. Ҳоло дар зироати кишти картошка касалиҳои фитафтароз, макроспориоз, ризоктаниёз, (Парша) – кутурак, столбур ва касалиҳои вирусӣ вуҷуд дорад.

Дар киштзори картошка зарарасонҳо симкирмак, лундакирм, кирминаи парвонаи тирамоҳӣ ва гамбусаки колоради паҳн шудаанд. Барзидди зарарасонҳои лундакирм ва симкирмак истифодаи заҳархимикати гаммагексан ё гексатиурам 2-3 кг / га пеш аз шудгор ва ба муқобили гамбусаки каларади заҳархимикатҳои конфидорс 0,3л /га, фюре 0,1 л / га, десис -0,150л / га истифода бурда мешавад, вале аз сабаби набудани маблағ, гарон будани нарх ва дастрас набудани ин маводҳо бисёр вақт кишоварзон қобилияти истифодаи онҳоро надоранд.

Умуман, сифати пасти тухми картошка ва ғалладона, маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои фермерӣ ба қарзҳои камфоизу дарозмӯҳлат, дар масофаи дур ҷойгир шудани хоҷагиҳои картошкапарвар аз маркази ноҳия ва ҷумҳурӣ, набудани роҳи дурусти мошингард аз маркази ноҳия то хоҷагиҳои дурдаст ва ҳамзамон дар ҳолати бад қарор доштани роҳи мошигарди байни хоҷагиҳо, кашонидани маҳсулот аз хоҷигиҳо ба бозори дохилию берунӣ ва сари вақт истифода набурдани қоидаҳои агротехникӣ мушкилотҳои аввалияи соҳа мебошанд.

Инкишоф додани хоҷагии махсусгардонидашудаи тухмипарварӣ, додани қарзҳои дарозмӯҳлату камфоиз ва таъмири роҳҳои мошингард ҳадафи асосии ин соҳа дар доираи Барномаи мазкур аст.

**Боғдорӣ.** Боғдорӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия ба ҳисоб рафта, дар бобати таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии ноҳия ва ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мавқеи муайянро ишғол менамояд. Иқлими ноҳия имконият медиҳад, ки майдони боғотро аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил зиёд намуда, талаботи аҳолӣ ба меваи тару тоза таъмин шавад ва қисми боқимондаи он содирот карда шавад. Талаботи рӯзафзун ба меваю масолеҳи сохтмонӣ, бахусус чӯбу тахта (аз ҳисоби шинондани дарахтони бемева) ва шароити мусоиди иқлими ноҳия дар суръатбахшии ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии деҳот ҳиссаи худро мегузорад ва ин имкон медиҳад, ки дар оянда боғдорӣ дар ноҳия ривоҷ дода шавад. Дар хоҷагиҳои ноҳия зиёда аз 99 га боғҳои нав инчунин 3,2 га боғи интенсивӣ бунёд карда шуд ва имконияти боз бунёд намудани боғи нав дар ҷамоатҳои Лангари шоҳ -35 га, Нӯшор- 45 га, Шогадоев- 25 га, Қалъаи лаби об-15 га ва Ширинчашма 24 га мавҷуд аст. Хоҷагиҳои боғдории ноҳия аз дарахтони мевадиҳанда асосан себ, нок, олу ва аз дарахтони беҳосил бед ва ар-ар парвариш мекунанд.

Аз рӯи маълумоти расмӣ, 58,6 фоизи хоҷагиҳо ба парвариши боғҳои себ машғул буда, 70 % даромади онҳо аз ин ҳисоб мебошад. Хоҷагиҳои боғдории ноҳия аз дарахтони мевадиҳанда асосан себ, нок, олу ва аз дарахтони беҳосил бед ва ар-ар парвариш мекунанд.

Дар ноҳия 621321 бех дарахти мевадиҳанда ва 726138 бех дарахти сояафкани бемева мавҷуд мебошад. Дар ноҳия соли 2020 истеҳсоли мева 5601,7 тонна расонида шудаст. Ҳосилноки аз ҳар як гектар боғ 36,1 сентнерро ташкил додааст.

Мушкилоте, ки дар роҳи пешбурди соҳаи боғпарварӣ монеагӣ доранд, ин пеш аз ҳама барқарор намудани базаи моддию техникии соҳаи боғпарварӣ (истифодаю нигоҳдории захрхимикатҳо, нигоҳдорию кашонидани мева ва набудани корхонаҳои коркарди мева инчунин набудани сардхонаҳои замонавӣ ) мебошад.

Солҳои охир майдони аксари боғҳои ноҳия аз сабаби нагузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, бахусус коркарди кимёӣ ба муқобили касалиҳо ва ҳашаротҳои зарарасон қариб ба ҳолати нестӣ омода расидаанд. Сабаби асоси пастшави ҳосил низ дар ҳамин мебошад. Давраи авҷи касалиҳо ва инкишофи ҳашароти зарарасон вобаста аз шароити иқлими маҳал ва хусусияти биологии онҳо, ки ба сабзиши дарахтон зарар меоварад, гуногун мегузарад. Бинобар ин дар ин самт

лозим аст, ки дар минтақа гурӯҳи махсуси пешгӯӣ оид ба паҳншавии ҳашоротро ташкил намуда, фаъолияти нуктаҳои муҳофизати растаниҳо барқарор гардад.

Дуруст ба роҳ мондани муҳофизати боғот аз касалиҳо ва ҳашаратҳои зараррасон боиси баланд шудани ҳосилнокӣ ва зиёд шудани истеҳсоли мева дар ноҳия мешавад. Талаботи имрӯзаи бозори дохилию берунӣ тақозо менамояд, ки маҳсулоти дорои сифати баланд аз ҷиҳати экологӣ тоза истехсол карда шавад. Бинобар ҳамин зарурати ҳимояи маҳсулотҳои кишоварзӣ бо истифодаи усулҳои агротехникӣ, механикӣ, биологӣ ва кимиёвӣ ба миён меояд, ки имконияти истеҳсоли маҳсулоти аз ҷихати экологи тоза, ки ба талаботи бозори дохилию берунӣ ҷавоб дода тавонад.

Дар давраи собиқ Шуравӣ хар сол аз шаш то ҳафт маротиба дарахтон ба воситаи захркимиёҳо тоза карда мешуданд, вале таи 20 соли охир чунин корҳо ба анҷом расонида нашудааст ва ин боиси зиёд шудани ҳамагуна касалиҳою ҳашоротҳои зараррасон гардид. Касалиҳо аз ҳама бештар паҳн гардида ва зараровар дар ноҳияи Тоҷикобод (парша) – кутури себу нок, пажмурдашавии вертисиллозӣ, саратони сиёҳи бактерявӣ ва ҳашаротҳо аз қабили кирми себ, қуяи мева, ширинчаҳои хунин, ширинчаҳои сабзи себ, халқамур ва зиреҳаки калифорния мебошанд.
Мувофиқи меёрҳои агротехникӣ ба муқобили ҳашаротҳо маводҳои дорувории ДНОК-40% (15кг/га), эмулсияи равғанҳои нафт: № 30, 30А, 30С, 30СС, 30М, зидди зараррасонҳо Ариво-0,4 л/га. Десис -05 -1л/га, Каратэ-0,4 л/га, Фюре 0,4 л/га, Конфифорс-0,3 л/га ва барои касалиҳои сирояткунанда доруи Инпакт 0,150 л/га, истифода мебаранд, ки хоҷагиҳои боғпарвари ноҳия барои дарёфт намудани онҳо эҳтиёҷот доранд.

**Низоми обёрӣ**. Дар ноҳия 4501 гектар заминҳои корам, ки аз ин 2577 гектараш оби мебошад тавассути наҳрҳои (канали) калони дараи Нӯшор, Сафедоб, Кӯли Мирзангӣ, Дашти Боқӣ ва Кӯли Калон, Сари Пул, Себистон (марҳилаи дуввум), Капалӣ, Фатҳобод ва Сабзазор обёрӣ карда мешаванд. Аз сабаби корношоям гардидани наҳрҳои Фатҳобод, дараи Нӯшор, Сари Пул, Себистон, Капалӣ, Сефедоб ва Куглик қисми зиёди заминҳои обӣ дар ҷамоатҳои Нӯшор, Шогадоев, Қалъаи лаби об ва Лангари Шоҳ солҳои тӯлонист,ки аз сабаби норасогии маблағ бо иқтидори пураашон истифода бурда намешаванд. Наҳрҳои Капалӣ ва Сари Пул дар натиҷаи фуромадани ярч пурра корношоям гардиданд. Дар ҳолати таъмир намудани ин каналҳо ҳолати мелиоративии заминҳои обии дар боло зикр шуда беҳтар мешавад. Ҳангоми обёрӣ намудани заминҳои банақшагирифташуда пешбинӣ мешавад, ки ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ то 11% афзуда, 135 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шавад.

**Занбӯриасалпарварӣ.** Занбӯри асалпарварӣ ва истеҳсоли асал бахши камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Шароити иқлими ноҳия барои истеҳсоли асал ва рушди соҳаи занбӯри асалпарварӣ хело мусоид аст. Захираҳои мавҷудаи растаниҳои шаҳддиҳанда имкон медиҳад, ки шумораи оилаи занбӯри асал зиёд карда шуда, истеҳсоли он афзоиш ёбад. Дар соли 2020 дар хоҷагиҳои занбӯрпарварии ноҳия 5529 оилаи занбӯри асал мавҷуд буд. Истеҳсоли асал аз дар соли 2020, 97,7 тоннаро ташкил дод, ки нисбати соли 2019, 98,1 фоизро ташкил медиҳад.

Дар хоҷагиҳои ноҳия ҷиҳати таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи маҷмуавии рушди соҳаи занбурпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2018-2022 парвариши оилаҳои занбури асал ба роҳ монда шудааст ва тибқи он дар панҷ соли оянда зиёд намудани истеҳоли асал ба 5,3 тонна ва афзудани шумораи оилаҳои занбӯри асал то соли 2025 ба 527 адад ба нақша гирифта шудааст.

***Байторӣ.*** Рушди соҳаҳои чорвопарварӣ, занбӯриасалпарварӣ ва паррандапарварӣ ба хизматрасониҳои саривақтӣ ва босифати байторӣ алоқаманд

мебошад. Дар ноҳия  стансияи мубориза алайҳи бемориҳои ҳайвонот фаъолият наменамояд. Бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи ташкилоти байналмиллалӣ оид ба кишоварзӣ ва озуқаи (FAO) Созмони Миллали Муттаҳид ба бойторон ваксинаҳо ва дигар доруҳо барои пешгирии бемории буғумдарди моли майдаи шохдор, барои пешгирии бемориҳои карасон ва зардкасали чорвои калони шохдор пешниҳод карда мешаванд.

Дар байни чорвои калон ва моли майда ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои эмкар, бруселёз, сумдарди ҳайвонот, қарасон ва тоуни мурғҳои хонагӣ (касалии Нюкасла) ба мушоҳида мерасанд. Барои соҳаи байтории ноҳия аз ҳисоби маблағҳои эпизоотии ҷумҳурӣ маводи биологии пешгирии касалиҳои сирояткунандаи вабои сумдард 39 %, қарасон 19%, барои пешгирии касалии бруселёз 14%,  гули моли майда 20 %, барои ташхиси касалии сил туберкулини ППД 40% ҷудо карда мешавад.

Ба рушди бонизоми соҳаи байтории ноҳия мушкилиҳои зерин монеагӣ менамоянд: набудани таҷҳизоти ташхисии байторӣ ва техникаҳои замонавӣ, норасогии мутахассисони баландихтисос, баланд будани нархи доруворӣ ва дастрасӣ надоштан ба ваксинаҳо. Барои хушзоткунӣ, маҳсулнокӣ ва солим нигоҳ доштани чорвои зотӣ дар ноҳия нуқтаи бордоркунии сунъии чорво ташкил кардан зарур аст. Дар ноҳия барои безарар гардонидани чорвои фавтида ва забҳи чорво ҷойи махсус вуҷуд надорад. Барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани хизматрасонии байторӣ, роҳ надодан ба талафшавии чорво ва парранда аз ҳисоби касалиҳои гузаранда, инвазионӣ, паразитӣ ва хунӣ дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ корҳои зиёдеро оиди пешгирии касалиҳои сироятию паразитӣ ба анҷом расонидан зарур аст.

Ҷиҳати рушди устувори минбаъдаи соҳа зарур аст, ки дар ноҳия ҷойҳои махсус барои забҳи чорво, гӯронидан ва сӯзонидани чорвои талафёфтаи шубҳанок ва ҳайвоноти дорои касалии сироятӣ ташкил карда шавад, зеро ин  ба нигоҳ доштани тозагии муҳити атроф мусоидат менамояд. Норасогии воситаҳои молиявӣ имконият намедиҳад, ки мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа, вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, беҳтарсозии насли чорво, ташвиқу тарғиби таҷрибаҳои пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи байторӣ сари вақт бартараф карда шавад. Аз ин лиҳоз, ташкили клиникаҳо ва дорухонаҳои хусусии байторӣ дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия, инчунин бо мутахассисон таъмин намудани онҳо, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳа ба ҳисоб меравад.

**Хоҷагии ҷангал.** Дар ноҳия як хоҷагии ҷангалпарварӣ мавҷуд буда, дар он 28 нафар ба кори доимӣ машғуланд, инчунин дар он зиёда аз 10 хонавода тариқи шартномавӣ мавсимӣ кор мекунанд. Ҳар сол хоҷагии мазкур тавассути иҷоракорон 50 метри мукааб ҳезум истеҳсол менамоянд. Дар тавозуни муассисаи ҷангали ноҳияи Тоҷикобод 28331гектар майдони умумии заминҳо, ки аз он 105 га замини корам, ҷангалу бутазорҳо 1462 га, чарогоҳ 9909 га замини зери об 1619 га, зери роҳҳо 20 га ва заминҳои дигар 15196 га мавҷуд аст. Дар ҷангалзорҳои ноҳия асосан бед, сафедор, ар-ар, хуч, арчазор, фаркзор, санҷит, ангат, тутзор, чормағз, ва ғайра  парвариш меёбанд. Дар доираи “Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015”  масъалаҳои ҳалталаби соҳаи ҷангал ва самтҳои асосии он бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт ва беҳтар намудани ҳолати муҳити зист пешбинӣ шудааст. Тибқи Барномаи мазкур дар ҳудуди ноҳия тӯли солҳои 2020-2025 барои парвариши ниҳолҳои сояафкан ва зиёд намудани масоҳати ҷангалзор (50 га дар  ҳудуди ҷамоати Нушор ва Шогадоев), инчунин бо мақсади истеҳсоли маводи сохтмонӣ бунёди ҷангал дар масоҳати 16 га дар ҷамоатҳои деҳоти Лангаришоҳ ва Ҷамоати Қалъаи лаби об  пешбинӣ шудааст[2].

---

[2]ҲРУ 15

Дар марзи хоҷагиҳои мазкур гиёҳҳои шифобахш аз қабили ҷамбилак, испанд, ниҳолҳои хуч, ангат, ва дигар дарахтону гиёҳҳои шифобахш мерӯянд, ки имконияти дар соҳаи дорусозӣ истифода бурдани онҳо вуҷуд дорад. Дар хоҷагиҳои ҷангал ва дигар хоҷагиҳои деҳқонии берун аз марзи он зиёда аз 50-60 намуди гиёҳҳои шифобахш мерӯянд. Инчунин, шароити иқлим ва набототи ноҳия имкон медиҳад, ки хоҷагии ҷангали ноҳия то оилаи занбӯри асалро парвариш намоянд.

Заминаи моддию техники хоҷагии ҷангали ноҳия фарсуда шудааст, вале худи муассисаи хоҷагии ҷангали ноҳия имконияти харидории техникаҳои нави кориро надоранд. Аз сабаби нокифоя будани маблағ, корҳои ҷангалбунёдкунӣ дар сатҳи паст гузаронида мешаванд. Набудани техника, дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои байни ҷангал ва набудани техникаҳои сӯхторхомӯшкунӣ мушкилоти соҳа маҳсуб меёбанд. Яке аз мушкилиҳои дигар ин нарасидани доруҳои захрдор барои муҳофизати ҷангал аз ҳашарот ва каслиҳои он, норасогии техника ва мавҷуд набудани коргоҳи коркарди хуч ва мева дар хоҷагии ҷангали ноҳия мебошад.

**Мушкилоти асосии соҳа:**

- ✓ Фарсуда гаштани техникаҳои кишоварзӣ, заминаи сусти моддию техникӣ ва норасогии техникаи кишоварзии муосир;
- ✓ Набудани хоҷагиҳои махсусгардонидашудаи тухмипарварӣ дар ноҳияи Тоҷикобод;
- ✓ Корношоям ва таъмирталаб гаштани сарбандҳои оби Дараи Нӯшор, Себистон, Кӯли Калон, чоҳҳои Сарипул, Гулистон ва Зафаробод;
- ✓ Зиёд шудани ҳашаротҳои зараррасону касалиҳои гуногун ва дастрас набудани маводҳои дорувории захркимиёи барои коркард намудани боғҳо[3];
- ✓ Набудани нуктаҳои фурӯши доруворӣ барои мубориза бар зидди ҳашоротҳои зараррасон;
- ✓ Набудани нуктаҳои фурӯши доруворӣ барои чорво;
- ✓ Дар ҳолати садамавӣ қарор доштани бинои стансияи байтории ноҳия;
- ✓ Маҳдудияти гирифтани қарзҳои камфоиз ва дарозмӯҳлат барои рушди соҳаи кишоварзӣ, бахусус соҳаҳои растанипарварӣ, чорводорӣ ва занбурпарварӣ;
- ✓ Арзиши гарони сузишворӣ, нуриҳои менералӣ ва дигар заҳрхимикатҳо.

## 2.2. Соҳаи саноат

Дар доираи масъалаҳои рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ноҳия рушди соҳаи саноат яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Қатъи назар аз мавҷудияти захираҳои табиӣ ва иқтидорҳои маҳаллӣ соҳаи саноат дар ноҳияи Тоҷикобод на он қадар рушдёфта дар ҳолати ташаккул қарор дорад. Айни замон дар ноҳияи Тоҷикобод зиёда аз 30 коргоҳи хурди саноатӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 87 нафар коргарон фаъолият менамоянд. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар се корхона (коргоҳи хурди дузандагии ТҶ “Нилоб”, коргоҳи хурди хушккунӣ ва бастабандии мева ва сабзавот дар Ассотсиатсияи “Фируз” воқеъ дар деҳаи Сари пул, 2 коргоҳи хурди коркарди ҷӯбу тахта дар ҷамоатҳои Лангари Шоҳ ва Нушор, коргоҳи хурди тунукабарории ҶДММ “Неъматулло” воқеъ дар деҳаи Шаҳристон, коргоҳи хурди инфиродии истеҳсоли блокҳои сементӣ воқеъ дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия, коргоҳи хурди қаннодии ҶДММ “Ҳунарманд”) бо ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст[4].

Корхонаҳои мазкур бо ҷалби сармояи хориҷию дохилӣ сохта ба истифода супорида шуданд. Иқтидори умумии истеҳсолоти саноатии ноҳияи Тоҷикобод дар як

---

[3]ҲРУ 2

[4]ҲРУ 8

сол ба 4,5 млн сомониро ташкил медиҳад. Корхонаҳои саноатӣ ва аҳолии ноҳияиТочикобод тамоми сол бо нерӯи барқ таъмин мебошанд.Дар соли 2020 дар ноҳияи Точикобод ба маблағи 4446,0 милион сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардидааст мутаносибан рушд ёфта истодааст.

Дар ноҳия аз сабаби норасоии воситаҳои молиявӣ дар соли 2016 ҶСП «Тоҷикободхишт», фаъолияти худро қатъ намуд. Дигар коргоҳҳо низ бо иқтидори пурраи худ кор намекунанд, ки ин ҳам ба норасоии маблағ, набудани технологияҳои нав, кам истифода бурдани усулҳои ҳозиразамони менеҷменту маркетинг ва набудани марказҳои машваратӣ алоқаманд аст.

Дар доираи Барномаи рушди ноҳияи Точикобод яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи саноат, мусоидат намудан ҷиҳати бо иқтидори пурра ба кор даровардани корхонаҳои мавҷуда, дар давоми солҳои 2021-2025 зиёд намудани шумораи корхонаҳои саноатии хурду миёна ва дар ин замина самаранок истифода бурдани иқтидорҳои маҳаллӣ бо истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошад.

**Иқтидорҳои саноатӣ.** Ноҳияи Точикобод барои рушди саноат имкониятҳои зиёд дорад. Истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои табии ва канданиҳои фоиданоке, ки дар ноҳия вуҷуд доранд, метавонад ба рушди ояндаи иқтисодиву иҷтимоии ноҳия мусоидат намояд. Ноҳия аз канданиҳои фоиданоки табиии ангиштсанги мавзеи Қирчибек, ахираҳои тилло, хоки кӯлолӣ, қум, санги мармар, обҳои маъданӣ, намак, намаксанг ва дигар канданиҳои фоиданок бой мебошад. Дар қаламрави ноҳия чашмаҳои зведи бофишор ва бефишор лаззаташон ширин, талх ва тумч мавҷуданд Бояд қайд намуд, ки коркади онҳо то ба ҳол ба роҳ монда нашудааст ва роҳандозӣ намудани коркарди захираҳои конҳои мавҷудаи ноҳияи Точикобод метавонад ба рушди минбаъдаи иқтисодиёти он таъсири мусбӣрасонад[5].

Дарёҳои мавҷудаи ноҳияи Точикобод барои бунёди силсилаи НОБ-ҳои хурду миёна хеле қулай мебошанд. Айни ҳол дар ноҳия бо ҷалби сармояи хориҷӣ НОБ-и хурди Фатҳобод бо иқтидори умумии 250 кВт бунёд гаштааст.

Дар панҷ соли оянда дар доираи Барномаи мазкур бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ сохтмони НОБ-и хурди Нушорбо иқтидори 250 кВт пешбинӣ мегардад.

Ноҳия инчунин барои рушди корхонаҳои саноатии хурд дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла коркарди пӯсту пашм, корхонаи истеҳсоли хишт иқтидори хуберо дорост. Ноҳияи Точикобод аз растаниҳо ва гиёҳҳои шифобахш бой аст ва дар сурати ташкили коркарди онҳо метавон ба рушди соҳаи дорусозӣ низ такони ҷиддӣ бахшид. Мавҷудияти чашмаҳои обҳои минералӣ (2 адад) имконияти зиёдеро барои сохтмони истироҳатгоҳҳои замонавӣ ва рушди сайёҳӣ фароҳам меоварад. Дар ноҳия чашмаҳои шифобахши Гугирдон (61,4 $^{0}$С) ва Алмалик (56,7 $^{0}$С) ва манбаи оби минералӣ мавҷуданд, ки табъам бо табиати дилпазиру мафтункунандааш ва боду ҳавои мусоидаш ҷиҳати рушди бахши саёҳату табобат ва сайри кӯҳсору алпинизм камназир аст.

Айни ҳол ба рушди устувори соҳаи саноат дар ноҳияи Точикобод ҷалби нокифояи сармояи хориҷию дохилӣ, мавҷуд набудани инфрасохтори лозимӣ, нокифоягии маблағгузорӣ, ворид нагардидани технологияҳои муосири саноати кӯҳкорӣ, норасогии мутахассисони соҳибтаҷриба монеагӣ менамоянд.

Бинобар ин, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо сохторҳои вилоятӣ, соҳибкорон, ташкилотҳои байналхалқии дар ҷумҳурӣ фаъолиятдошта ва вазорату идораҳои дахлдор, лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва бизнес нақшаҳоро таҳия намуда оиди ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ аз тамоми

[5]ҲРУ 8

сарчашмаҳои имконпазир барои ташкили корхонаҳои нави истеҳсолии хурду миёна ва воридоти технологияҳои муосир ҳамкориро ҷоннок намояд.

### 2.3. Соҳибкории хурд ва миёна (СХМ)

***Нақши соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти маҳаллӣ.*** Барои рушди ноҳияи Тоҷикобод соҳибкории хурд захираи азим ба ҳисоб меравaнд. Аммо бо назардошти кӯҳӣ ва дурдаст будани ноҳия бахши СХМ асосан тавассути савдои хурди чакана, кишоварзӣ ва ғайраҳо акнун тараққӣ карда истодаанд. Рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоии ноҳия аз рушди соҳибкории хурду миёна алоқамандии ногусастанӣ дорад. Соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти ноҳия мавқеи муҳим дорад ва бояд соҳаи асосии рушди иқтисодиёти ноҳия гардад.

Тибқи натиҷаҳои таҳлил дар ноҳия шумораи субъектҳои соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ) тамоюли зиёдшавӣ дошта, дар соли 2020 ҳамагӣ 1548 ададро (аз ҷумла 112 шахси ҳуқуқи ва 1436 адад шахси воқеъӣ) ташкил додааст. Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ нақши муҳимро иҷро менамояд, зеро айни ҳол дар субъектҳои мазкур 4970 нафар бо ҷойи корӣ таъмин гаштаанд. Дар соли 2020 дар ноҳия соҳибкорони дорои патент 120 нафар буданд, ки 47 нафари онро (ё 39,1%) занҳо ташкил медиҳанд. Шумораи соҳибкорони дорои шаҳодатнома бошад ба 10200 нафар расидааст. Соҳибкорони тариқи патент фаъолиятдошта асосан ба фурӯши молҳои омехта, фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, мусофиркашонӣ ва боркашонӣ машғул мебошанд. Айни замон, дар ноҳия 16 ҷамъияти масъулияташон маҳдуд ба қайд гирифта шудаанд[6].

Қисми асосии субектҳои СХМ-и ноҳия дар соҳаи кишоварзӣ (ҷамъ 1242 субъект), савдо (ҷамъ 172 субъект), саноат (ҷамъ 0 субъект) ва хизматрасонӣ (ҷамъ 74 субъект)машғул мебошанд ва ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии субъектҳои дар бахши СХМ-и ноҳия машғул буда мутаносибан 20,7%, 9,2%, 12,7% ва 12,4%-ро ташкил медиҳад.

Дар самти воридоти маблағ ба буҷаи маҳаллӣ бошад, дар соли 2020 саҳми соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, саноат, хизматрасонии молиявӣ ва савдо зиёд буда, аз ҳисоби субектҳои СХМ дар ин соҳа машғул буда, ба буҷети маҳаллӣ 6 379742,5 сомонӣ ворид гардидааст, ки ин 38,2 %-и қисми даромади буҷети ноҳияро ташкил медиҳад.

Рушд наёфтани бисёр намудҳои соҳибкорӣ, ки ба хизматрасонӣ ва истеҳсоли маҳсулот машғуланд, ба нокифоя будани имкониятҳои молиявии соҳибкорон ва арзиши гарони содироти маҳсулот ба бозори беруна марбут мебошад. Баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти ноҳия ва некӯаҳволии аҳолии он инчунин, ба ҳалли мушкилиҳои таъмини нуқтаҳои аҳолинишин бо нерӯи барқ, ба рушди энергетикаи хурду ғайрианъанавӣ, бунёди инфрасохтор, низоми боэътимоди нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ вобаста мебошад. Беҳтар намудани ҳолати роҳҳои мошингарди ноҳия ва роҳҳои ба ноҳияҳои ҳамсоя ва маркази вилоят пайвасткунанда, барои баровардани маҳсулоти кишоварзии дар ноҳия истеҳсолшуда ба бозорҳои беруна, аҳамияти муҳими иқтисодӣ дорад.

Дар ноҳия таъсис додани корхонаҳои хурди истеҳсолӣ оид ба тайёр намудани доруҳои мухталиф аз гиёҳҳои шифобахш, растаниҳои худрӯй ва алафҳои гуногун, барои иқтисодиёти ноҳия хеле муфид буда, инкишофи соҳаи истеҳсоли доруворӣ имконият фароҳам меорад, ки аҳолӣ аз он даромади иловагӣ гирад.

---

[6]ҲРУ 8

Соли 2016 ҳиссаи соҳибкории хурду миёна дар қисмати даромади буҷети маҳаллӣ 38,2 фоизро ташкил дод.

Саҳми соҳибкории хурду миёна дар рушди соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, савдо ва бунёди иншоотҳои сохтмонӣ ҳамасола афзоиш ёфта, аз ин ҳисоб буҷети маҳаллӣ ғанӣ гардида истодааст. Аз ҷумла дар давоми солҳои 2020 аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ 688,5 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби соҳаи саноат 0 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби соҳаи савдо 945,8 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби соҳаи сохтмон 46,7 ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллӣ ворид гардидааст.

Баланд бардоштани малакаю дониши соҳибкорон, дастрас гардонидани иттилооти зарурӣ оиди бозорҳои фурӯши молу маҳсулот ва тағйирёбии конъюнктураи он, инчунин дастрас гардонидани қарзҳои имтиёзнок ба соҳибкорон, барои рушди соҳаи СХМ такони нав мебахшад[7].

Аз 1548 субъекти соҳибкории хурди инфиродӣ 33 фоизаш бо патент кор мекунанд, ки ин аз маҳдуд будани микёси фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад. Мутаасифона дар соҳаҳои иқтисодиёти ноҳияи Точикобод таъсисёбии субъектҳои соҳибкории хурди истеҳсолӣ қариб, ки ба назар намерасад. Дар се соли охир ҳамагӣ як субъекти соҳибкории хурди истеҳсолӣ оид ба коркардӣ маҳсулоти саноатӣ таъсис ёфтааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии субъектҳои соҳибкории хурду миёна сол то сол зиёд шуда бошад, ҳам лекин ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ тамоюли ноустувори рушдро дорад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар субъектҳои СХМ гарчанде дар соли 2016 бо сабаби ба кор даромадани ҶДММ «Неъматулло» ва ҶДММ «Ҳунарманд» афзуда бошад ҳам, лекин ҳиссаи ин субъектҳо дар се соли охир тамоюли рушди ноустувор дорад, зеро фаъолияти ширкатҳо бо сабабҳои объективӣ суст гашта, дар соли 2016 ҳамагӣ 6,8 фоизро аз ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ташкил кардани субъектҳо СХМ нокифоя будани нақши онҳоро дар таъмини бозори дохила бо маҳсулоти саноатӣ нишон медиҳад.

Корхонаҳои саноатӣ, ки ба субъектҳои СХМ дохил мешаванд, дорои таҷҳизоти технологӣ мебошанд, аммо дар зери таъсири манфии якчанд омилҳо (фарсуда ва кӯҳна будани таҷҳизотҳо, бунбасти коммуникатсионӣ, душвории амалиётҳои содиротӣ, ҳаҷми ками истеҳсоли маҳсулот, хароҷотҳои зиёди нақлиётӣ, норасогии воситаҳои гардишӣ ва набудани сармояи зарурӣ) фаъолияташон коста шудааст ва ё аз фаъолият боз мондаанд.

Мавриди тазаккур аст, ки 80 фоизи шуғли аҳолӣ дар бахши СХМ танҳо ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд ва 20 фоизи кормандон дар соҳаҳои боқимондаи хоҷагии халқ шуғл доранд, ки ин аз рушди нокифояи соҳибкорӣ дар соҳаҳои саноату сохтмон, нақлиёту хизматрасонӣ ва савдо шаҳодат медиҳад.

Гарчанде, ки мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун субъекти соҳибкорӣ ҳисоб карда шудааст, аммо дар амал дар ин соҳа соҳибкории воқеъӣ кам ба назар мерасад. Содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ тамоман кам буда, таъмини бозори истеъмолии дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ номунтазам аст.

Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар шуғли аҳолӣ 86 фоиз, ҳиссаи ин соҳа дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот 24,4 фоиз ва 7,6 фоиз аз ҳаҷми умумии андозҳои воридшуда ба буҷети ноҳия аз рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад. Бо назардошти таҳлилу гуфтаҳои боло бояд қайд кард, ки раванди васеъгардонии шумораи корхонаҳои хурд, алалхусус корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ғайри қаноатбахш мебошад. Дар ноҳия шароитҳои мӯътадил ва захираҳое

---

[7]ҲРУ 9

мавҷуданд, ки ба афзоиши шумораи корхонаҳои хурд имконият дода, барои бо молҳои ватанӣ ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ва ба ин восила паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон дар ноҳия дар соли 2013 ҳамагӣ 1 субъекти соҳибкори шахси ҳуқуқӣ таъсис ёфта, ягон соҳибкори инфиродӣ фаъолияташродар соли 2016 қатъ кардааст.

**Хизматрасониҳо барои рушди СХМ.** Дар ноҳияи ҷиҳати рушди соҳибкории хурду миёна филиалҳои ҶСК «Комерсбонк», филиали Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк», филиали Аввалин Бонки молиявии хурди Фонди Оғохон,» ва филиали ҶСП «Ориёнбонк» фаъолият доранд.

Давоми солҳои 2018-2020 аз ҷониби бонкҳои ноҳия барои рушди соҳаи саноат ягон қарзи бонкӣ ҷудо нагардидааст. Пешниҳоди қарзҳо, махсусан қарзҳои имтиёзнок барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла саноат қонеъкунанда буда наметавонад. Аз ин лиҳоз, зиёд намудани ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва дарозмӯҳлат барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, алалхусус барои бунёди корхонаҳои коркарди маҳсулоти саноатӣ, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа маҳсуб меёбад.

Дар соли 2020 барои рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия ва беҳбудии фазои соҳибкорӣ аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ дар маҷмӯъ беш аз 3939900 ҳазор сомонӣ қарз дода шудааст, ки аз ин 79,7% ба соҳаи кишоварзӣ, 0% ба соҳаи сохтмон,0,028% барои рушди соҳибкорӣ ва 0,05% ба дигар соҳаҳо ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ рост меояд.

Илова бар ин соли 2020 ба воситаи бонкҳо аз хориҷи кишвар ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба андозаи 109104427 млн сомонӣ ворид гаштааст.

Соҳибкорони ноҳия ба маблағҳои қарзии имтиёзноку дарозмӯҳлат ва грантҳо, ба кӯмаки техникию машваратӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди бизнес, курсҳои донишомӯзии менеҷмент ва маркетинг, дастрас намудани таҷҳизоти лизингӣ ва техника, дастрасӣ ба иттилооти зарурӣ, ҳамзамон ба дастрасӣ ба сохторҳои кӯмакрасон (бизнес инкубаторҳо) ниёз доранд.

Гарчанде ҳаҷми умумии портфели қарзҳои бонкии ба мизоҷон пешниҳодгардида солҳои охир афзуда, тартиби пешниҳоди онҳо содда шуда бошад ҳам, вале фоизи қарзҳо хеле баланд буда, ҳамчунин мӯҳлати баргардонидани онҳо кӯтоҳ буда, барои таъмини рушди соҳаҳои истеҳсолии ноҳия имконият намедиҳад.

Соҳибкорон дар ноҳия яке аз нерӯҳои бузург ва созанда маҳсуб меёбанд, ки аз дуруст ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо рушди минбаъдаи иқтисодиёти ноҳия вобастагии калон дорад. Айни замон, дар ноҳия имкониятҳои зиёди ҳамкорӣ, иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва қувваи кории арзон мавҷуд мебошад, ки дар ин самт соҳибкорони ватанию хориҷӣ метавонанд фаъолияти худро самараноктар ба роҳ монанд. Илова бар ин, ҳоло аксари занон ва духтарон дар хона бе кор мебошанд, ки метавон онҳоро тавассути ташкили корхонаҳои нав, барқарор ва ё ба кор даровардани корхонаҳои аз кор бозмонда ва ё васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳои мавҷуда ба кор ҷалб намуд.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи СХМ***. Аз сабаби дурдаст ва кӯҳӣ будани ноҳияи Тоҷикобод рушди СХМ бо баъзе мушкилот дучор мегардад. Бад будани ҳолати роҳҳои маҳаллӣ, нархи гарони сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ, набудани малакаи фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин набудани Ассотсиатсияи соҳибкорон барои имконияти ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон, дар сатҳи паст қарор доштани огоҳии соҳибкорон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ғайраҳо рушди соҳаи мазкурро бо монеаҳо дучор месозад.Мушкилиҳои дигаре, ки ба рушди соҳибкорони хурду миёна таъсири манфӣ мерасонад, ин дастрас набудани маблағҳои грантӣ барои рушди соҳибкорӣ, сатҳи баланди фоизи қарзҳо ва мӯҳлати кӯтоҳи истифодаи он, монеаҳои маъмурӣ, набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занҳо мебошад.

## 2.4. Сохтмон

Соҳаи сохтмон, ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими бахши воқеии иқтисодиёт, дар пешбурди сатҳу сифати зиндагии мардум, таъмин намудани аҳоли бо ҷойҳои кори, амали кардани ҳадафҳои рушди устувор мавқеи ниҳоят муҳимро дорад[8]. Аз ин лиҳоз дар ноҳияи Тоҷикобод ба рушди соҳаи мазкур аҳамияти зарурӣ дода мешавад.

Дар соли 2020 дар ноҳияи Тоҷикобод 7 ташкилоти сохтмонӣ бо фарогирии 97 нафар кормандон фаъолият намудаанд. Шумораи умумии техникаҳои мавҷудаи дар ихтиёри ташкилотҳои сохтмонӣ буда, беш аз 11 ададро ташкил мекунад. Дар ноҳияи Тоҷикобод асосан фаъолияти соҳаи сохтмон барои ба анҷом расонидани сохтмони мактабҳо, бунёди бунгоҳҳои тибби, таъмиру барқарорсозии кӯпрукҳо, гузаронидани хати оби нушоки ва ғайраҳо нигаронида шудааст.

Дар соли 2019 маблағгузории асоӣ дар ҳаҷми 2,5 млн сомони, ба истифода додани фондҳои асосӣ ба маблағи 1,9 млн сомонӣ ва иҷрои корҳои пудратӣ ба маблағи 1,8 млн сомонӣ амалӣ шудааст.

Дар доираи татбиқи Барномаи рушди иҷтимои-иқтисодии ноҳияи Тоҷикобод барои солҳои 2021-2025 сохтмон ва барқарорсозии 32 иншоот аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ, маҳалли, соҳибкорон ва сармояи хориҷӣ ба нақша гирифта шудааст, ки сохтмони онҳо аз тарафи ташкилотҳои сохтмонии дохилӣ ва берунӣ амалӣ мешаванд.

Инчунин, дар ноҳия 2 иншооти сохтмонаш нотамом боқи мондааст, ки сохтмони онҳо дар солҳои қабли оғоз гардида буданд ва феълан сохтмонашон идома доранд. Дар давоми солҳои 2021-2025 дар доираи татбиқи Барномаи рушди ноҳияи Тоҷикобод сохтмони беморхона, дармонгоҳ, 4 бинои ва синфхонаҳои иловагӣ дар назди мактабҳои №42,40, бинои маъмурии ҷ/д М.Шогадоев, варзишгоҳҳо, ҳаммом, нуқтаи хушкашӯи, терминал, боғи фарҳангу фароғати, боғчаи бачагона, биноҳои баландошёна ва дар ошёнаи аввали онҳо нуқтаҳои хизматрасони ба маблағи умумии 54 млн сомонӣ пешбини шудааст.

Дар солҳои охир ҳангоми бунёди иншоотҳои соҳаҳои мухталиф муқарраротe, ки дар доираи Нақшаи генералии ноҳия пешбинӣ шудааст ба инобат гирифта нашудааст, ки ин мушкилии зиёдро минбаъд ба вуҷуд меоварад.

### 2.4.1. Мушкилоти асосии соҳаи сохтмон.

- татбиқ нашудани Нақшаи генералии маркази ноҳия,
- ҷалби нокифояи маблағҳои мутамаркази буҷети давлатӣ барои сохтмони асосӣ,
- набудани хатти ташнобу корез,
- ба таври зарурӣ ширкат накардани бахши хусусӣ дар бунёби биноҳои баландошёна дар маркази ноҳия,
- маҳдуд будани имкониятҳои буҷети ҷумҳуриявию маҳалли ва сол аз сол зиёд шудани шумораи иншоотҳои сохтмонашон нотамом,
- пурра фаъолият накардани ташкилотҳои пудратӣ,
- норасогии шумораи мутахассисони касбӣ,
- фаъолият накардани корхонаҳои масолеҳи бинокорӣ (заводи истеҳсоли хишт),
- норасогии шумораи техникаҳои сохтмонӣ, аз ҷумла кранҳои борбардор, экскватор ва ғайра,
- риоя нашудани қоидаҳои меъморию шаҳрсозӣ ҳангоми бунёди иншоотҳои соҳаҳои мухталиф.

---

[8]ҲРУ 11

### 2.4.2. Вазифаҳои асосӣ:

– дар асосӣ Нақшаи генералии ноҳия ва санъати меъморию шахрсозӣ ба роҳ мондани бунёди иншоотҳои соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, инфросохторӣ;
– бунёди манзили дастрас ва таҳкими механизмҳои пешниҳоди манзил;
– ҷалби бахши хусусӣ барои бунёди хонаҳои бисёрошёна ва бисёрхонадор дар маркази ноҳия.

### 2.4.3. Натиҷаи чашмдошт:

- сохтмони иншоот ва муассисаҳо дар асоси Нақшаи генералӣ ба роҳ монда шуд;
- ба истифода супоридани фондҳои асосӣ, иҷрои корҳои пудратӣ ва сохтмону васлгарӣ афзоиш ёфт;
- бахши хусусӣ барои бунёди хонаҳои бисёрошёна ва бисёрхонадор дар маркази ноҳия ҷалб гардид.

# БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

## 3.1. Маориф

Рушди соҳаи маориф барои ноил гаштан ба як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ 4) нақши ҳалкунанда дорад. Беҳтар намудани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ва таъмини маълумоти босифат омили асосии расидан ба рушди устувор мебошад. Дар панҷ соли оянда барои таъмини маълумоти босифат дар доираи барномаи рушди ноҳия татбиқи чунин чорабиниҳои афзалиятнок пешбинӣ мегарданд:

- бунёди 7 муассисаи таълимии муосир ва 65 синфхонаҳои иловагӣ (муасисаҳои томактабӣ ва мактабҳо) дар 10 деҳаи ҳудуди ноҳия;

- пурра ба таълим фаро гирифтани кӯдакони имконияташон маҳдуд;

- барқарорсозии инфрасохтори муассисаҳои томактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таъмин намудани онҳо бо оби нӯшокӣ ва гармӣ;

- бунёд намудани пандус дар даромадгоҳи муассиҳои маориф ва шароити лозимии хониш барои таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд;

- таъмини хонандагон бо китобҳои дарсӣ, асбобу аёнияти хониш, китобҳои тозанашр, техникаи компютерӣ ва интернет;

- таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони соҳибихтисос;

- ҷалб намудани ҷомеа, волидайн, омӯзгорон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ барои ташкили босифати хониш ва идоракунии мактабҳо;

- таъмиру барқарорсозии низоми гармидиҳии муассисаҳои таълимӣ;

- инкишоф додани мактабҳои хусусӣ ва гимназияҳои замонавии дастрас барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа.

***Маълумоти томактабӣ***. Дар ноҳия шумораи умумии кӯдакони томактабӣ 7400 нафарро ташкил медиҳад, вале фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ ҳамагӣ 2,2 фоиз мебошад, ки ин нокифоя мебошад. Дар ноҳия 1 боғчаи бачагонаи “Парасту” бо фарогирии умумии 120 нафар кӯдак (дар шаш гурӯҳ) ва 3 маркази инкишофи барвақтии кӯдакон дар назди муассисаҳои №,6,8,19 бо фарогирии 134 нафар кӯдакони шашсола фаъолият мекунад. Бо назардошти афзоиши демографӣ дар ноҳия ҳамасола шумораи кӯдакони синни томактабӣ 2,6% зиёд мегардад ва бинобар ин то соли 2025 ташкил намудани муассисаҳои нави томактабӣ, бо назардошти кудакони

имконияташон маҳдуд барои 422 ҷойи нишаст зарур мебошад. Зеро фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ бояд аз 2,6% то 10% зиёд карда шавад.

***Маълумоти миёнаи умумӣ***[9]. Дар ҳудуди ноҳия 20 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 14 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ ва 9 муассисаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ барои 8622 ҷойи нишаст фаъолият менамоянд. Шумораи хонандагон 10539 нафарро ташкил медиҳад ва ҳамасола афзоиш меёбад. Биноҳои мактабҳои миёнаи №3,4,5,9,12,15,17,20,33,28 дар ҳолати садамавӣ қарор доранд. Бинобар ин барои ҳалли ин масъала дар панҷ соли минбаъда сохтмони 4 мактаби нав барои 1600 ҷойи хониш зарур мебошад. Биноҳои 25 мактаби миёнаи ноҳия таъмирталаб мебошанд. Дар соли хониши 2020-2021 шумораи омӯзгорон дар муассисаҳои таълимии ноҳия 616 нафарро ташкил намуд, аз ҷумла 82 занҳо (13,3%). Бинобар сабаби кам будани маоши омӯзгорон шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ зиёд шуда, теъдоди омӯзгорон, махсусан мардҳо дар микёси ноҳия кам шудааст.

Мушкилоти асосие, ки боиси ба таври зарурӣ рушд наёфтани соҳаи маориф гардидааст, ин набудани заминаи моддию техникии лозима дар муассисисаҳои таълимӣ, норасогии мутахассисони баландихтисоси соҳа ва пурра ҷорӣ нагардидани низоми таълимоти фарогир дар муассиаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия мебошад. Сабаби пурра ба таълим фаро гирифта нашудани кӯдакони маъюб, набудани инфрасохтори лозима, робитаи сусти сохторҳои дахлдор оид ба ҳамкорӣ бо кӯдакони дорои имконияти маҳдуд, норасогии асбобу таҷҳизоти махсусгардонидашуда ва воситаҳои таълимии ташаккули зеҳнӣ, нарасидани омӯзгорони соҳибихтисос, махсусан муаллимони забонҳои русӣ ва англисӣ, математика, физика, химия, технологияи меҳнат, кифоя набудани ҷои нишаст дар биноҳои таълимӣ, корношоям будани системаҳои гармидиҳӣ, нарасидани маводи таълимӣ ва адабиётҳо, ҷалб нашудани падару модарон ва аҳли ҷомеа мебошад.

**3.1.2. Мушкилоти асосӣ:**

- пурра дастрасӣ надоштани кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ;
- норасоии сифхонаҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии ноҳия;
- ба талаботи муосир ҷавобгӯ набудани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ;
- таъмирталаб будани биноҳои ошхона ва майдончаҳои варзишии муассисаҳои таълимӣ;
- сатҳи пасти дастрасӣ ба таҳсилоти босифат барои қишри осебпазири аҳолӣ, махсусан фарогирии кӯдакони имконияташон маҳдуд.

**3.1.3. Вазифаҳои асосӣ:**

- фарогирии кӯдакони ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ (бо назардошти 50 адад марказҳои рушди кӯдакон);
- беҳтар намудани инфрасохтори хизматрасониҳои соҳаи маориф;
- бунёди 65 синфхонаҳои иловагӣ ва бунёди 4 муассисаҳои нави таълимӣ;
- таъсиси муассисаҳои таълимии муосири ғайридавлатӣ/хусусӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот;
- ташкили ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар самти хизматрасониҳои соҳаи маорифи ноҳия;
- то ба 10% фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ, аз ҷумла кӯдакони имконияташон маҳдуд

**3.1.4. Натиҷаҳои чашмдошт**:

---

[9]ҲРУ 4

- фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ то 2,2 фоиз расонида шуд;
- дар муассисаҳои таълимии ноҳия 497 ҷойи нави хониш таъсис дода шуд;
- муассисаҳои таълимии муосири ғайридавлатӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ташкил карда шуд;
- ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар самти хизматрасониҳои соҳаи маорифи ноҳия ба роҳ монда шуд.

## 3.2. Соҳаи тандурустӣ

**Ҳолати умумӣ.** Бахши тандурустӣ дар ноҳия яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок маҳсуб мегардад. Шумораи аҳолии ноҳияи Тоҷикобод баҳолати 1 январи соли 2021 зиёда аз 49208 нафарро ташкил медиҳад. Ба аҳолии ноҳия Муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, сохтори госпиталӣ, гӯруҳи мақсадноки филиали коллеҷи тиббии ноҳияиРашт дар ноҳияиТоҷикобод ва Маркази назорати давлатии санитарию-эпидемиологӣ хизмати тиббӣ мерасонанд. Дар Маркази саломатии ноҳияМаркази репродуктивӣ фаъолият мекунад, ки барои солим таваллуд намудани фарзандон ва беҳ намудани сатҳи репродуктивии занони ноҳияи Тоҷикобод вазифадор мебошад.

**Солимии модарон.** Беҳдошти солимии модарон татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва ҳамзамон фаъолияти хуби муассисаҳои КАТС, хадамоти патронажӣ ва тибби оилавӣ нақши асосиро иҷро мекунанд. Масъалаҳои пешрафт ва ҳифзи саломатии модару кӯдак пеш аз ҳама ба ҳалли саривақтии мушкилоти соҳа дар сатҳи маҳал, паҳннамудани иттилоот дар байни ҷамоатҳо, бароҳ мондани фаъолияти мукаммали гуруҳҳои корӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ, гузаронидани таҳлили амиқ, омӯзиш ва ташхиси саривақтии беморихо аз ҷониби муассисаҳои тандурустии ноҳия алоқаманд мебошад.

Тайи солҳои охир шумораи таваллуд дар хона пайваста коҳишёфта истодааст, ки чунин ҳолат аз фаъол гаштани муассисаҳои тиббӣ ва амалӣ гаштани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ дарак медиҳад[10].

Солҳои охир дар ноҳия коҳишёбии индекси солимии модарон ба назар мерасад. Сабаби ин гирифтор будани занони ҳомила ба бемориҳои экстрагенеталӣ (аз ҷумла, бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар ва ғайра), саривақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, зоиш дар синни бармаҳал, дастрасӣ надоштан ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл, сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва камбизоатии занон мебошад. Бо вуҷуди саривақт ошкор гардидани бемориҳои экстрагениталӣ дар байни занон тибқи маълумоти коршиносони маҳаллии соҳаи тандурустӣ мушкилоти асосӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ба занҳои ҳомила ин саривақт муроҷиат накардани онҳо ба духтурон мебошад.

Дар ноҳияи Тоҷикобод баҳолати 1.01.2021 шумораи занҳои қобили таваллуд 11158 нафарро ташкил медиҳанд. Шумораи таваллуд дар соли 2020 ба 1326 нафар расид, ки нисбат ба соли 2019 ба миқдори 103 таваллуд кам мебошад.

---

[10]ҲРУ 3

Таҳлил нишон дод, ки дар давоми солҳои 2019-2020 камхунӣ миёни занҳои ҳомила ва баъди таваллуд мунтазам коҳиш ёфта истодааст. Сабаби асосии кам шудани бемориҳои камхуни миёни занҳои қобили таваллуд ин дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани табобат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ мебошад.

Чунин ҳолат дар бемории ҷоғар низ мушоҳида мешавад. Мутаассифона дар бисёр ҳолатҳо ин ба гирифтории оризаи ҳомиладории занҳо ва ҳатто ба фавти модару кӯдак оварда мерасонад.

Барои мусоидат намудан ба солимии репродуктивии занон дар соли 2020 Маркази солимии репродуктивии ноҳияи Тоҷикобод 22760 нафар занҳоро қабул кардааст, ки ба 7542 нафари онҳо ёрии контрасептивӣ расонида шудааст. Айни ҳол 6876 нафар ё, ки 91 фоизи занҳои қобили таваллуди ноҳия аз маводҳои контрасептивӣ истифода мебаранд. Дар ҷамоатҳои деҳоти Нушор, Ширинчашма, Қалаи лаби об ва Лангаришоҳ муоинаи аҳолӣ аз ҷумла занони ҳомила ва кӯдакон бо ҷалби кормандони саҳроӣ дар байни занҳои синну соли репродуктивӣ дарсҳоиомузишӣ дар мавзуъҳои«Хатариисқотиҳамл ба саломатии занон», «Воситаҳоипешгириихомиладории номатлуб», «Танзими оила», «Бемориҳои бо роҳи алоқаиҷинсӣ гузаранда» ташкил карда шуд.

Самти муҳими дигари фаъолияти муассисаҳои тандурустии ноҳия ин хизматрасонӣ ба кӯдакон мебошад.

Сабаби асосии паст шудани фавти кӯдакон ин рушди тибби оилавӣ ва баланд гардидани хизматрасонӣ дар самти саривақт табобат намудани занони ҳомила ва кӯдакони онҳо баҳисоб меравад.

***Бемориҳоисироятӣ.*** Дар баробари дигар вазифаҳо дар шароити кунунӣ яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои тандурустии ноҳияи Тоҷикобод аз пешгирӣ намудани бемориҳои сироятӣ иборат мебошад

Дар ноҳияҳа масола ҷиҳати коҳиш додани гирифторӣ ба бемориҳои гелминтоз мунтазам маъракаҳои бекирмгардонӣ тавассути истеъмоли ҳабҳои албендазол гузаронида мешавад.

Оид ба мубориза бар зидди бемориҳои вараҷа дар ноҳия Нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, ҳамаи бемориҳое, ки бо таби баланд ба беморхона муроҷиат намуданд, аз ташхис гузаронида, чораҳои амалӣ андешида шудааст. Дар доираи “Дастурамал оид ба эпидемалогия, нишонаҳо, ташхиси озмоишгоҳи, табобат ва пешгирии гелментозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, кидар ноҳия нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, ба таври ройгон беморон ташхис ва табобат карда шудааст.

Дар баробари ин, гирифторӣ ба бемории ВНМО дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 ба 1 нафар кам шудааст. Дар давоми солҳои 2018-2020 ба муассисаҳои тандурустии ноҳия қисман таҷҳизоти тиббӣ ворид карда шуд, ки қисман заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббиро беҳтар гардонид.

**Бемориҳои ғайрисироятӣ.** Дар ноҳия бемориҳои захми меъда, газаки меъда, сирози ҷигар, газаки шадиди шушҳо, газаки гурда, тарбод, ғадуди дарунӣ, камхунӣ, ҷоғар ва бемории ишемияи дил солҳои охир афзоиш ёфтааст. Сабаби афзоиши ин бемориҳо паст будани маърифатнокиии аҳолӣ доир ба пешгирии бемориҳо, тарзи ҳаёти солим, саривақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, камбизоатӣ, баланд будани нархи доруворӣ ва набудани шароити иҷтимоӣ мебошад.

**Сохтори соҳаи тандурустӣва раванди ислоҳот.** Системаи тандурустии ноҳия аз муассисаҳои госпиталӣва КАТС иборат аст.

Мувофиқи равандҳои нави ислоҳоти тандурустӣ ва татбиқи самараноки «Стратегияи солимии аҳолииҶумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶумҳурииТоҷикистон «Донишкадаи такмили

ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Тоҷикистон» ташкил дода шудааст. Дар муассисаи мазкур барои тайёр намудани кормандони соҳаи тиб модули нави тарзи идоракунӣ ва маблағгузорӣ тартиб дода шудааст, ки тавассути он кормандони соҳа омӯзонида мешаванд.

Айни замон дар муассисаҳои тандурустии ноҳия норасогии мутахассисони дорои маълумоти олӣ ба назар мерасад, аз ҷумла: табиби озмоишгар, узи, табиби эҳёгар, табиби бемориҳои кудакона, осебшинос, неонатолог, сироятӣ, табиби бемориҳои пуст, табиби бемориҳои чашм, табиби ренгеншинос, саратоншинос ва дигарон.

**Иштироки ҷомеа дар беҳтар намудани саломатӣ.** Дар ноҳия барои ҳалли масъалаҳои солимии аҳолӣ иштироки ҷомеа қариб ба назар намерасад ва ташаббусҳои аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ начандон хуб зоҳир мегарданд. Фаҳмиши аҳолӣ вобаста ба пешбурди тарзи ҳаёти солим дар сатҳи паст қарор дорад.

Барои беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ дар ноҳия як қатормушкилиҳои инфрасохторӣ монеагӣ менамоянд ва ҳалли онҳо дар панҷ соли оянда самти асосии Барномаи мазкур аст ва ҳалли онҳо ҳолати хизматрасонии тиббиро ба аҳолӣ бо сифат ва осон мегардонад, аз ҷумла:

- Набудани дастгоҳҳои ҳозиразамон дар Беморхонаи марказии ноҳия: дастгоҳи рентгени рақамӣ дар ноҳия, дастгоҳҳои лаборатории ҳозиразамон, УЗИ, Кардиомонитор, Автоклав, дастгоҳи безараргардонӣ, таҷҳизотҳои рахтихоб (кроват, таҳпуш, руйпуш,болишт ва ғайраҳо).
- пайваст набудани муассисаҳои тиббӣ ба хатҳои оби нӯшокӣ.

### 3.3. Соҳаи фарҳанг ва фароғат

**Фарҳанг.** Бахши фарҳанги ноҳияи Тоҷикобод сохтори асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия буда, фаъолияти он барои саривақт ва самаранок татбиқ намудани сиёсати фарҳангӣ ва маънавии давлат равона шудааст. Теъдоди кормандони бахши мазкур 68 нафар буда, аз он 16 нафарашон занҳо мебошанд[11]. Аз шумораи умумии кормандони шӯъба, 4 нафар дорои маълумоти олии касбӣ, 3 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус мебошанд. Музди миёнаи кормандони шӯъбаи фарҳанги ноҳия 635 сомониро ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумоти расмӣ дар соли 2020 дар ноҳияи 20 муассисаи фарҳангӣ ва фароғатӣ, зиёда аз 14 мавзеъҳо ва ёдгориҳои таърихӣ ба қайд гирифта шудаанд. Дар ноҳия инчунин 19 масҷид, аз ҷумла 3 адад масҷиди ҷомеъ, 15 адад чойхона, 1 адад меҳмонхона мавҷуд мебошад[12].

Дар деҳот клубҳои фарҳангӣ қисман таъмир шуда бошанд ҳам, бештари онҳо ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Инчунин клубҳои мазкур ҷойҳои нишаст надоранд ва ё дар ҳолати фарсуда мебошанд, асбобҳои мусиқии миллӣ ва барқӣ намерасанд. Дар асл клубҳо қисман аз фаъолият боз мондаанд. Дар баъзе ҳолатҳо онҳо аз тарафи гурӯҳҳои ҳаваскори маҳаллӣ истифода мешаванд ва дар онҳо чорабиниҳо гузаронида мешаванд вале ҳолати клубҳо ба талабот ҷавобгӯ нест. Фаъолияти маҳфилҳои эҷодию адабие, ки дар клубҳои деҳот амал менамоянд, аз сабаби маҳдуд будани маблағ ба талабот ҷавобгӯ нест. Аз ин сабаб барои самаранок ҳал намудани ин масъала айни замон ҷалб намудани иқтидори ҷомеа ва соҳибкорон айни муддаост.

---

[11]ҲРУ 5

[12]ҲРУ 11

Дар ноҳия фонди умумии китобхонаҳо 36248 адад китобро дар бар мегирад, ки 40 дарсади онҳо китобҳои бо забони русӣ навишташуда мебошанд. Бояд қайд намуд, ки айни замон ноҳия ба мутахассисони касбии соҳаи китобдорӣ ниёз дорад. Мутахассисони маҳаллӣ ба он ақидаанд, ки имрӯзҳо аксарияти китобхонаҳои деҳот дар биноҳои ҷамоатҳои деҳот ва дигар муассисаҳо қарор дошта, ба меъёрҳои мавҷуда ҷавобгӯ нестанд. Аксарияти китобхонаҳо ба системаи кондитсионӣ, ва дигар таҷҳизоти китобхонавӣ ниёз доранд. Шумораи хонандагони доимӣ дар китобхонаҳои ноҳия 9300 нафарро ташкил менамояд. Дар китобхонаҳои ноҳия китобҳои тозанашр намерасад. Инчунин мавҷуд набудани низоми ягонаи ба қайдгирӣ ба сабаби набудани компютер мушкилотро зиёдтар намудааст.

Дар ноҳия осорхонаи ноҳиявӣ мавҷуд аст, вале ҳолати он ба талаботҳои муосири нигоҳдории осорҳо ва пешкаши осорҳо ҷавобгӯ нест. Он дар дохили бахши фарҳанг ҷойгир буда, дар ҳолати ногувор қарор дорад. Мувофиқи мақсад аст, ки бинои нави Осорхонаи мазкур дар маркази ноҳия бунёд гардад. Дар ноҳия ёдгориҳои зиёди таърихӣ мавҷуданд.

**Мушкилиҳои асосии соҳаи фарҳанг:**

- Норасоии асбобҳои мусиқии миллӣ ва барқӣ;
- Набудани бинои алоҳидаи Осорхонаи ноҳиявӣ;
- Набудани шабакаи телевизиони ва радиои маҳаллӣ;
- Мавҷуд набудани студияи сабти овоз ва банаворгирӣ;
- Набудани автоклубҳо барои пешкаш намудани хизматрасонии фарҳангии таъҷилӣ-тарғиботӣ;
- Норасоии таҷҳизоти компютерӣ ва дигар лавозимоти идоравӣ;
- Норасоии мутахассисони касбии дорои маълумоти олӣ (саркоргардони соҳаи театр ва чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ, коргардони овоз, навозандагони карнай, раққосаҳои касбӣ ва ғайраҳо);
- Ба таъмири асосӣ ниёз доштани клубҳо ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ;
- Дар биноҳои дастгоҳҳои ҷамоат ва дигар муассисаҳо ҷойгир будани китобхонаҳо.
- Норасоии либосҳои театрӣ ва маҳдуд будани маблағ барои хариди онҳо.

**Вазифаҳои асосӣ**

**Натиҷаҳои чашмдошт**

### 3.4. Сайёҳӣ ва варзиш

**Сайёҳӣ.** Мавриди зикр аст, ки дар ноҳияи Тоҷикобод макону манзараҳои зебои табиат, аз қабили оби шифобахши чашмаи Гугирдон, Дараи Нушор, Ҳавзи Сурхкул», «Лозуркух», «Оби сафед» ва дигар ҷойҳои зебоманзар мавҷуданд, ки дар сурати бунёди меҳмонхонаю истироҳатгоҳҳо ноҳияи Тоҷикобод низ дар оянда метавонад, ҳамчун мавзеи дидании меҳмонон ва сайёҳон истифода бурда шавад[13].

Дар ноҳия ҳунармандоне, ки бо ҳунарҳои дастии худ тарики санъати чубтарошиву оҳангарӣ, кандакорию заргарӣ ва наққошӣ маҳсулоти дастӣ меофаранд, кам нестанд, ки ҳангоми намоишҳои идона офаридаҳои дастони моҳири худро ба намоиш мегузоранд. Дар сурати ташкили осорхона дар ноҳия имкони ҷамъоварии хунарҳои дастӣ ва ташкили намоишгоҳҳои эҷодиёти мардум фароҳам меояд.

---

[13]ҲРУ 12

Ба мақсади тарғиби соҳаи туризм ташкили гушаҳои иттилоотӣ, доир ба мавзеҳои зебо, чашмаю дарёҳо, куҳҳои сарбафалак, растаниҳои шифобахши ноҳия тариқи воситаҳои ахбори омма маводҳо ва пахши наворҳо ба нақша гирифта шудааст.

Бояд қайд кард, ки соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои даромаднок ва аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар ба ҳисоб рафта ноҳияи Тоҷикобод дорои шароити мусоид барои рушди соҳаи сайёҳии экологӣ, обӣ, кӯҳӣ ва этникӣ мебошад.

Дар ноҳия 12 ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ мавҷуд аст, ки аз ин теъдод 10-тои он дар Вазорати  фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном гардида, аксари онҳо барои нигоҳдории таърихи қадимтарини халқи тоҷик бозёфтҳои нодир ба ҳисоб меравнд. Инчунин дар ноҳия дарраҳои хушманзара ва нотакрор мавҷуд буда, барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ вобаста ба мавсим мувофиқ мебошанд.

**Варзиш.** Дар ноҳияи Тоҷикобод як мактаби варзишии бачагон ва наврасон аз рӯи 8 намуди варзиш амал мекунад, ки шумораи тарбиятгирандагони он 310 нафар буда, аз он 15 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд. Дар мактаби варзишии бачагон ва наврасон аз рӯи намудҳои волейбол, футбол, дзю-до, гуштини миллӣ, самбо, шашка, шоҳмот ва батминтон тамрин гузарнида мешавад.

Дастпарварони муассисаи давлати мактаби варзишӣ ноҳияи Тоҷикобод дар 122 нафар дар мусобиқаҳои ноҳиявиву ҷумҳуривӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, 68 нафар сазовори ҷойҳои намоён гардидаанд.

### 3.5. Ҳифзи иҷтимоӣ

**Шуғли аҳолӣ.** Дар соли 2020 ба Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Тоҷикобод 1153 нафар корҷуён барои дарёфти ҷойи кори доимӣ муроҷиат намудаанд, ки аз ин шумора 858 нафар ҳамчун корҷӯй ба қайд гирифта шуда, ба 618 нафар мақоми бекорӣ дода шуд.

Тайи ин муддат 264 нафар корҷӯён бо ҷои кори доимӣ таъмин гардиданд, ки 66,0 фоизи иҷрои дурнамои солонаи чорабинии Барномаро ташкил медиҳад[14].

Бо мақсади дастгирии шахсони бекор ҷиҳати ташкили корҳои фардӣ ва рушди соҳибкорӣ тавассути қарздиҳии хурд дар соли 2020 ба 59 нафар шаҳрвандони корҷӯ ба маблағи 139240 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шуд. Инчунин, дар ин давра ба 44 нафар бекорон дар ҳаҷми 27200 сомонӣ кӯмакпулӣ додашуд.

Дар шаш моҳи соли ҷорӣ 29 нафар шаҳрвандони ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ ниёздошта бо ҷойҳои кории аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бандшуда, бо кор таъмин гардиданд, ки ин 57,0 фоизи дурнамои солонаи Барномаро ташкил медиҳад.

Дар соли 2020 дар асоси шартномаҳои тарафайн бо корфармоён 86 нафар бекорони дар қайд буда ба корҳои ҷамъиятӣ фаро гирифта шуданд, ки 78,0 фоизи иҷрои пешгӯии солонаи Барномаро ташкил медиҳад.

Баҳри амалӣ намудани «Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи» дар самти касбомӯзӣ ва бозомӯзии шаҳрвандони корҷӯ ва бекор шуъбаи Агентии ноҳия ба 140 нафар муроҷиаткунандагон барои касбомӯзӣ аз рӯи ихтисосҳои мавриди талаботи бозори меҳнат роҳхат доданд, ки нисбати дурнамои солонаи Барнома 73,0 фоизро ташкил медиҳад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки масъалаи бақайдгирии созишномаҳои соҳавӣ ва шартномаҳои коллективӣ дар ҳудуди ноҳия дар мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ тамоюли камшавӣ дорад, зеро дар давоми ду соли охир теъдоди шартномаҳои коллективӣ ба маротиб кам гардидааст.Аз ин лиҳоз, пешниҳод

[14]ҲРУ 8

карда мешавад, ки барои саривақт ва ҳарчи бештар ба қайд гирифтани санадҳои мазкур дар мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз ҷониби шарикони иҷтимоӣ ва сохторҳои ваколатдори давлатӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

**Бекорӣ.** Бекорӣ яке аз масъалаҳои рӯзмара, ки имрӯз диққати тамоми ноҳияро ба худ ҷалб кардааст, ба ҷои кори доими таъмин намудани аҳоли ва аз байн бурдани бекори аст.

Шумораи аҳолии бешуғл 39 фоизи аҳолии қобили меҳнатро ташкил медиҳад. Ҳадафи асоси дардоираи Барнома тайи сесоли оянда бо ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолии бешуғл аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар асл сатҳи бекорӣ аз рақамҳои нишондодашуда зиёд аст.

Дар ноҳия аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол 41,0 фоизи захираҳо имеҳнатиро ташкил медиҳад, ки аз ин 28,0 фоизба кор машғул ва 69,8 фоиз бешуғл мебошад.

Аз аҳолии ба кормашғул буда 31фоиз ба соҳаи кишоварзӣ, 29 фоиз ба соҳаи маориф, 22 фоиз ба соҳаи тандурустӣ, илм, фарҳангу варзиш ва 18 фоиз ба дигар соҳаҳо рост меояд. Дар ноҳия барои ба кор таъмин намудани аҳолӣ ярмаркаи ҷойҳои холии корӣ гузаронида мешавад, вале аз сабаби кам будани маош ва набудани дигар шароитҳои иҷтимоӣ қисми зиёди бо кор таъминшудагон ҷойҳои корро тарк намуда, ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва ё дигар корҳои музднок мераванд.

**Музди меҳнат.** Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки музди миёнаи меҳнат ба як корманд 661,0 сомонӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2019 (546,0 сомонӣ буд) 115 сомонӣ ё 21,1 фоиз зиёд шудааст[15].

Шумораи умумии коргарон 2052 нафарро ташкил мекунад. Шумораи умумии корхонаҳо дар ҳудуди ноҳия 817 ададро ташкил карда, аз он 271 ададаш корхонаҳое, ки коргарони он аз панҷ нафар зиёд мебошанд ва ҳуқуқи бастани шартномаро доранд.

Шумораи созишномаҳо ва шартномаҳои баимзорасида 207 адад аз қайд гузаронида шуд. Мутобиқи маълумоти оморӣ дар ноҳия шумораи корхона ва ташкилотҳои фаъолияткунанда 817 адад буда аз аввали сол то ба имруз 2 адад корхона барҳамхурдааст.

**Муҳоҷирати меҳнатӣ.** Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки зиёда аз 2997нафар аҳолии ноҳия (ё 13,3 фоизи аҳолии қобили меҳнат, аз он ҷумла 4,7 фоиз занон) дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд. Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз сарчашмаҳои асосии даромади оилаҳо ба ҳисоб меравад.

Теъдоди зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ ба Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Қирғизистон асосан барои корҳои сохтмон, тиҷорат ва кишоварзӣ мераванд.

Бо вуҷуди ин бояд қайд кард, ки муҳоҷирати меҳнатӣ дар баробари тарафҳои мусбат (баланд шудани дараҷаи малакаи корӣ, васеъ шудани ҷаҳонбинӣ, беҳтар шудани шароити иҷтимоӣ ва ғ.) оқибатҳои манфӣ низ дорад, аз ҷумла, кам шудани аҳолии қобили меҳнат, аз кор рафтани мутахассисони баландихтисос, аз тарбия дур мондани кӯдакони оилаашон дар муҳоҷиратбуда, бад шудани саломатии муҳоҷирони меҳнатӣ (бисёр вақт дар муҳоҷират дар шароитҳои мушкил зиндагонӣ мекунанд), вайроншавии оилаҳо ва ғайра.

**Муҳоҷирати дохилӣ.** Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012, №677 дар солҳои 2016-17 дар ҳудуди ноҳияи Тоҷикобод 20 оила ва ба ноҳияи Лахш ва Ҷайҳун-10 оила кӯчонида шуд. Бояд қайд кард, ки ба оилаҳои муҳоҷир аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод ва

[15]ҲРУ 1

Лахшу Ҷайҳун бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ таъмин гардиданд.

**Муҳоҷирати экологӣ.** Давоми солҳои 2015-2017 баъд аз бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ дар минтақаи бехавфи ноҳия таъмин шудан 46 хоҷагӣ кӯчонида шуданд. Аз ҷумла, 11 хоҷагӣ соли 2015 ва 35 хоҷагӣ соли 2016. ва 2 хоҷагӣ дар давоми ҳашт моҳи соли 2017

Аз ҷониби Хадамоти муҳоҷират тавассути бахши Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар ноҳияи Тоҷикобод дар давоми солҳои 2014-2016 маблағи 170950 сомонӣ қарзи имтиёзнок ба муҳоҷирони экологӣ дода шуд.

Бо мақсади кӯчонидани хоҷагиҳо аз минтақаи хавфноки экологӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2017-2020 аз ноҳия кучонидани 9 хоҷагӣ дар назар дошта шудааст. Аз ҷумла соли 2017 - 2 хоҷагӣ, соли 2018 -2 хоҷагӣ, соли 2019 – 3 хоҷагӣ ва соли 2020 – 2 хоҷагӣ.

**Табақаи осебпазири аҳолӣ.** Нафақахӯрон ва маъюбон категорияи аз ҳама осебпазиртарини аҳолӣ ба ҳисоб меравaнд. Соли 2017 шумораи нафақахӯрон дар ноҳия 2645 нафар (60,8 фоиз зан), шумораи пиронсолони бесаробонмонда 1521 нафар, маъюбон 573 нафар ва маъюбони модарзод 120 нафарро ташкил дод. Ҳаҷми миёнаи нафақа нафақахӯрон 243,96 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 43,96 сомонӣ ё 22 фоиз зиёд мебошад.

## БОБИ 4. Инфрасохтор

### 4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ

Фаровон будани дарёчаю чашмаҳои обшор боиси захираи кофии оби ошомиданӣ дар ноҳия мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар ноҳия ба сифати сарчашмаҳои таъмини оби нӯшокӣ обҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ истифода мешаванд. Аммо, истифодаи обҳои рӯизаминӣ бо назардошти риоя нагардидани талаботҳои техникӣ (маҳкам набудани гирду атрофи манбаъҳои об) метавонад оқибатҳои ногуворро дар самти гирифтор шудани аҳолӣ ба бемориҳои сироятӣ ба миён оварад[16]. Зеро чорво метавонад, ки аз саргаҳи обҳое, ки кушодаанд убур кунад ва онро ифлос кунад. Ҳамчунин, гарчанде сарчашмаҳои об зиёданд, аммо ҳоло ҳам бинобар бунёд нагаштан ва мавриди истифода қарор надодани шабакаҳои нави обрасонӣ (кофтани чоҳҳои амудӣ, сохмони чоҳҳои обтақсимкунӣ, интиқоли оби чашмаҳо тавассути қубурҳои диаметраш мухталиф) танҳо 33,2 ҳазор нафар аҳолӣ бо оби ошомидании безарар таъмин аст.

Масъалаи таъмин, нигоҳубин ва танзими об дар марказ ва дигар ҳудуди гирду атрофи маркази ноҳия ба зиммаи Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Тоҷикобод вогузор аст. Хизматрасонии корхонаи мазкур танҳо барои аҳолии маркази ноҳия, ҷамоати деҳоти Қалъаи лаби об, як қисми ҷамоати деҳоти Шогадоев ва қисмати ҷамоати Ширинчашма анҷом дода мешавад.
Ҳоло дар ноҳия 1882 адад нуқтаҳои оби ошомиданӣ мавҷуд аст, ки аз ин 68 адад дар маркази ноҳия ҷойгир шудааст. Мутобиқи маълумотҳои омории КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ"-и ноҳияи Тоҷикибод аз миқдори умумии нуқтаҳои оби дар маркази ноҳия воқеъгашта 70% нуқтаҳои оби ошомиданӣ дар дохили хонаҳои шахсӣ ва 30 % берун аз хонаҳои шахсӣ рост меояд. Барои ноҳия меъёри истифодаи об барои як нафар дар як шабонарӯз ба ҳисоби миёна 50-90 литр муқаррар

[16]ҲРУ 6

гардидааст. Дар мавриди ҳозира ҳаҷми истеҳсоли оби ошомиданӣ ба ҳисоби миёна дар як шабонарӯз ба 2,3 млн. метри мукааб баробар аст, ки танҳо 66 фоизи аҳолии ноҳияро таъмин менамояд. Мутаассифона имрӯз анқариб 16,1 ҳазор нафар аҳолии ноҳия аз истифодаи оби ошомидании безарар танқисӣ мекашанд. Дар доираи маълумотҳои КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” талафоти об фақат дар маркази ноҳия тақрибан 8 ҳазор литрро дар як шабонарӯз ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда хеле ташвишовар мебошад. Сабаби асосии ин куҳнаю фарсуда гардидани қубурҳои интиқоли об, насб нагардидани ҳисобкунакҳои истифодаи об ва ҷумакҳо, ғайрисамаранок аз тарафи аҳолӣ истифода гаштани об (обёрии заминҳои наздиҳавлигӣ) маҳсуб мегарданд.

Айни замон, пурра деҳаи Дияи Эшон ва қисман деҳаҳои Лангари Шоҳ, Мазори Поён ва Мазори Боло, Нушори Поён, Сафедорон, Полезак, Шаҳристон, Сардоба, Тоҷикобод, Гулистон, Зарафшон, Одилобод, Шаврқиён, Нушори боло ва маркази ноҳия аз норасоии оби нӯшокӣ танқисӣ мекашанд.

Дар микёси ноҳия ҳамагӣ зиёда аз 74 км хатҳои оби нӯшокӣ кашида шудааст, ки аз ин 25 км ба маркази ноҳия ва ҷамоати деҳоти Қалъаи лаби об, 28 км ба ҷамоати Шогадоев ва 21 км ба ҷамоати Ширинчашма дахл дорад.

Бинобар мунтазам афзоиш ёфтани шумораи аҳолӣ ва бунёд гардидани маҳаллаҳои нави аҳолинишин, масъалаи таъминоти оби нӯшокӣ яке аз масъалаҳои асосии ҳалталаб мебошад. Дар заминаи норасогии оби тозаи нӯшокӣ, хавфи эҳтимолияти пайдо шудани низоъ дар байни аҳолии маҳаллаҳои нави аҳолинишин вуҷуд дорад ва банақшагирию сохтмони саривақтии иншоотҳои обтаъминкунии аҳолӣ ва истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои оби нӯшокӣ имконият медиҳад, ки саривақт чунин низоъҳо пешгирӣ гарданд.

### 4.2. Хоҷагии манзилию коммуналӣ

**Шабакаи ташноб.** Дар ноҳия шабакаи ташноб (канализация) вуҷуд надорад. Аммо, бо назардошти он, ки имрӯз фарҳанг ва мафкураи шаҳрдорӣ ва шаҳрнишинии аҳолии деҳот боло рафта истодааст, зарур аст, ки масъалаи бунёд намудани шабакаи ташноб ва дигар инфрасохтори соҳа ба инобат гирифта шавад.

**Ҷамъоварӣ ва баровардани партовҳо.** Масъалаи баровардани ПСМ (партовҳои сахти маишӣ) низ ба Муассисаи хоҷагии манзилию коммуналии ноҳияи Тоҷикобод вогузор гардидааст. Дар муассиса 30 нафар корманд фаъолият дорад, ки асосан ба кабудизоркунӣ, чароғонкунӣ, тозагии санитарии кӯчаҳои марказӣ, ороиши маркази ноҳия ва баровардани партовҳои сахти маишӣ (ПСМ) машғул мебошанд. Муассисаи мазкур танҳо дар маркази ноҳия ва қисми ҷ. Шогадоев фаъолият дошта, ба 552 хоҷагӣва 42 ташкилотумуассисаҳо дар ҷамъ ва баровардани ПСМ хизмат мерасонад.

Айни замон корхонаи мазкур ба нарасидани техникаи махсуси соҳа (партовкаш, боркунаки партовҳо, обпошӣ ва ғайра) мувоҷеҳ гаштааст. Ҳоло дар корхона танҳо як адад мошини обпошии «ГАЗ-53» мавҷуд аст, ки боз он ба сифати воситаи асенизатсионӣ низ истифода мегардад. Дар ноҳия ҳамасола тақрибан то 8 ҳазор тонна ПСМ тавлид мешавад, ки аз ин 1,7 ҳазор тоннааш ба маркази ноҳия рост меояд. Айни замон дар ноҳия 11 адад нуқтаҳои партовҷамъкунӣ мавҷуд аст ва дар он ҷо қуттиҳои махсус гузошта нашудааст. Мавзеи интиқоли партовҳо (партовгоҳи асосӣ) дар деҳаи Гулрез ҷойгир шуда масоҳати он 1,1 гектарро ташкил медиҳад ва аз ҷойи аҳолинишин ба масофаи 500 м дур мебошад. Аммо гирду атрофи он ҳифз нагардидааст, ки минбаъд ҳолати профилактикии партовгоҳро ногувор мегардонад.

**Мушкилоти асосӣ**:

- кӯҳнаю фарсуда гардидани хатҳои оби нӯшокӣ дар сатҳи ҷамоатҳои деҳот ва маркази ноҳия, ки боиси зиёд гардидани талафоти шабонарӯзии об шудааст;
- ҳифз нашудани 120 адад саргаҳи манбаъҳои оби ошомиданӣ;
- пурра безарар нагардидани оби ошомидании интиқолшаванда[17];
- васлу насб нагардидани ҳисобкунакҳои истифодаи об барои истифодабарандагон;
- аз ҷониби муштариён (махсусан аҳолӣ) пардохт нашудани ҳаққи хизматрасонии коммуналӣ,
- эҳтимолияти рух додани низоъҳо байни аҳолии маҳаллаҳои нав вобаста ба истифодаи об,
- вуҷуд надоштани қуттиҳои махсуси партовҷамъкунӣ ва корхонаи ба навъҳо ҷудо кардани ПСМ[18],
- набудани анбори нигаҳдории моддаҳои безараргардонии партовҳо дар ҳудуди партовгоҳи асосӣ[19],
- нарасидани техника ва таҷҳизоти партовкашонӣ ва дигар техникаҳои махсуси соҳа,
- пурра пардохт нагардидани ҳаққи хизматрасонии об аз ҷониби аҳолӣ мебошад, ки ҳоло ҳамагӣ 70 фоизро ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои асосӣ:**
- азнавсозии хатҳои оби нӯшокӣ;
- бунёд намудани панҷараи муҳофизатӣ дар манбаъҳои оби ошомиданӣ;
- пурра безарар гардидани оби ошомидании интиқолшаванда[20];
- истифодаи ҳисобкунакҳои оби нушокӣ;
- пурра шартномабандӣ намудани муштариён (махсусан аҳолӣ) ва фарогирии пурраи онҳо ба хизматрасониҳои коммуналӣ,
- пешгирии низоъҳо байни аҳолии маҳаллаҳои нав вобаста ба истифодаи об,
- беҳтар намудани таъминоти моддию техникии корхонаи коммуналию обтаъминкунӣ[21], бо техника, таҷҳизоти партовҷамъкунию партовкашонӣ.

**Натиҷаҳои чашмдошт:**
- афзоиши ҷамъоварии ҳаққи хизматрасонии об.
- коҳиш ёфтани талафоти шабонарӯзии об.
- беҳтар гаштани сифати хизматрасонии коммуналию обтаъминкунӣ.

### 4.3. Барқтаъминкунӣ.

Шабакаҳои барқии ноҳияи Тоҷикобод соли 1990 таъсис ёфта, қаблан ҳамчун бунгоҳҳои барқӣ аз соли 1961 то соли 1990 дар тобеияи «ШБ Рашт» қарор дошт. Дар шабакаи барқии ноҳия ҳамагӣ 42 нафар корманд фаъолият дорад, ки аз ин 26 нафар

---

[17]ҲРУ 3

[18]ҲРУ 12

[19]ҲРУ 11

[20]ҲРУ 3

[21]ҲРУ 11

мутахассиси соҳабудабоқимондабасифати назоратчиёни барқчиёнхизматменамоянд. Корхонаи мазкур дар мувозинаи худ 207 адад зеристгоҳи барқӣ (2 адад он дорои шиддатнокии 110/35/10 кВт бо иқтидори 20000 кВт) дорад. Дарозии умумии хатҳои барқии ноҳия 10 кВт-230 км ва 04 кВт-239 км мебошад. Дар давоми панҷ соли гузашта 10 адад зеристгоҳи барқии ноҳия аз нав васлу насб гардид, ки 3 ададаш ба худи шабакаҳои барқии ноҳия дахл дошта 7 адади боқимонда ба соҳибкорони инфиродӣ марбут мебошанд.

Ҳамаи трансформаторҳои мавҷуда ва хатҳои итиқоли барқии 10-04 кВт дар солҳои 60-ум ва 70-уми асри гузашта бунёд ва ба истифода дода шудаанд, ки дар шароити кунунӣ ба талабот ҷавобгӯнамебошанд. Дар соли 2015 ҳаҷмиистифодаинерӯибарқ 34,1 млн. кВт/соатро ташкил дода дар соли 2016 бошад ин нишондиҳандаба 32, 8 млн. кВт /соат расид. Талафоти нерӯибарқдарноҳияташвишовар буда хеле нигаронкунанда ба мушоҳидамерасад. Зеро дар соли 2015 ҳаҷми талафот ба 5,21 млн.кВт расида дар соли 2016 бошад ин нишондиҳандаба 5,38 млн. кВт соат баробар шуд, ки мутаносибан 3,3 фоиз афзоиш ёфтааст.

Мунтазам афзоиш ёфтани талафоти нерӯибарқ пеш аз ҳамабакуҳнаюфарсудагаштани зеристгоҳҳоибарқӣвахатҳоиинтиқолинерӯибарқ иртибот дорад.

Ҳамзамон, дар ҳудуди ноҳия бо сабаби афзоиши аҳолӣ ва зиёд шудани шумораи истифодабарандагони нерӯибарқдарнатиҷаибунёдгардиданихонаҳоиистиқоматиинав дар деҳаҳои Фатҳобод, Капалӣ, Нушори Поён, Нушори Боло, Сарипул, Лангаришоҳ ва Шаврикиён сарбории иловагиро барои инфрасохтори мавҷудаисоҳаибарқтаъминкунӣбамиёновардааствaиқтидори зеристгоҳҳои мавҷуда имконияти таъмини пурраи барқронадоранд. Даринзамина, барои таъмини аҳолӣ бо барқи ба стандарт ҷавобгӯ бунёди ХИБ 0,4-10 кВт ва зеристгоҳҳои иловагӣ ё иваз кардани трансформаторҳои иқтидорашон паст (10/0,4 кВт) ба трансфарматорҳои тавоноишон баланд зарур мебошад.

Масъалаи дигари ташвишовари "Шабакаҳои барқӣ"и ноҳияи Тоҷикобод дар шароити кунунӣ аз ҷониби ташкилотҳо, муассисаҳо ва муштариён сари вақт пардохт нашудани ҳаққи истифодаи барқ мебошад. Истифодабарандагони барқ бо назардошти корхонаю ташкилотҳо дар назди муассисаи мазкур ба ҳолати 1 июли соли 2017 дар ҳаҷми 4,9 млн.сомонӣ қарздор мебошанд. Ҳаҷми асосии қарздориӣазистифодаинерӯибарқбааҳолӣрост омада дар соли 2015 маблағи 834 ҳазор сомониӣва соли 2016 бошад 2,2 млн.сомониро ташкил медиҳад. Иннишондиҳандамутаносибандарсоли 2016 нисбатбасоли 2015 анқарибто 64 фоиз боло рафтааст.

Дар доираи татбиқ гаштани «Барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ дар давраи солҳои 2007-2020» дар ноҳияи Тоҷикобод НБО-и «Фатҳобод» бо иқтидори 200 кВт/соат бо арзиши 2,7 млн.сомониӣазҳисобиБонкиИсломииРушд бунёд гардида қисман 100 муштариро аз аҳолиидеҳаиФатҳобод, мактаби №2 деҳаимазкурвадуададбунгоҳитиббиидеҳаиФатҳобод, семарказифароғатиидеҳаиФатҳободвашабакаимавҷпахшкуниителевизиониТоҷикистонробонерӯибарқтаъминменамояд[22].

---

[22]ҲРУ 7

### 4.4. Нақлиёт ва коммуникатсия

**Роххо.**Интиқоли молу маҳсулот ва мусофирон дар ноҳия асосан тавассути роҳҳои автомобилгар дсурат гирифта, робитаи дохилии ноҳия бо маркази ҷумҳуриву ноҳияҳои ҳамсоя тавассути роҳи Душанбе-Ваҳдат-Нуробод-Рашт-Тоҷикобод амалӣ мешавад. Равобити хориҷии ноҳия бошад бо Ҷумҳурии Қирғистон тариқи роҳи автомобилгарди Тоҷикобод-Лахш таъмин мегардад.

Барои анҷом додани таъмиру тармим ва нигоҳдории роҳҳо дар ноҳия «Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард» фаъолият менамояд, ки корхонаи зертобеъи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муассисаи мазкур 26 нафар корманд дошта аз ин 2 нафар муҳандисони роҳсоз мебошанд. Ҳамчунин дар тавозуни он 19 адад техникаи роҳсозӣ ва дигар таҷҳизот мавҷуд аст, ки аз ин танҳо 42 фоизи онҳо коршоям мебошанд ва 58 фоизи боқимонда бинобар кӯҳнаю фарсуда ва таъмирталаб гаштан ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Дар ин самт андешидани тадбирҳои муассир хеле ба маврид маҳсу бмегардад[23].

Ҳамзамон 115,3 км роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ба тавозуни муассисаи мазкур шомил мебошанд, ки аз ин 25 км роҳҳои байналмилали ва 90,3 км роҳҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ дахл доранд. Бинобар солҳои тӯлонӣ дар роҳҳои маҳаллӣ нагузаронидани таъмири асосӣ вазъи онҳо дар ҳолати ногувор қарор дорад.
Барои нигоҳдории роҳҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ дар давоми соли 2019 ба андозаи 102 ҳазорсомонӣ ва аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ бошад 94 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст. Дарсоли 2020 бошад ин нишондиҳанда мутаносибан ба 144 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва 108 ҳазор сомониро аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ташкил додааст. Аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои нигоҳдорӣ ва таъмиру тармими роҳҳҳои аҳамияти ҷумҳуридошта маблағ ҷудо карда мешавад ва маблағҳои буҷети маҳаллӣ барои роҳҳои маҳаллӣ сарф мешаванд. Маблағе, ки барои нигоҳ доштани роҳҳои маҳаллӣ тавассути буҷети маҳаллӣ ҷудо карда шуда басанда нест, зеро барои нигоҳдории роҳҳои маҳаллӣ тибқи меъёри мавҷуда 940 сомонӣ барои 1 км муайян шудааст. Роҳҳо аз рӯи намуди фарш дар ноҳия болопӯши мумфарши хом - 12,6 км, болопӯши сангин-54,7 км ва болопӯши хокӣ- 23 км.

Дар ноҳия 28 км роҳҳои маҳаллӣ, бахусус роҳҳои мошингарди Гулистон-Шарқиён-Нушори поён-Сари пул (8 км), Шарқиён-Нушори боло-Дараи Нушор (9 км), Лангари шоҳ-Кӯл (11 км) дар ҳолати бад қарор дошта, ба таъмир ва азнавсозӣ эҳтиёҷот доранд.

Дар ноҳия 18 адад купрӯк мавҷуд аст ва дарозии онҳо 471 метрро ташкил мекунад. Солҳои тӯлонӣ дар аксарияти роҳҳо ва купрӯкҳо таъмири ҷорӣ гузаронида нашудааст, ки дар натиҷа аксарияти онҳо дар ҳолати бад қарор доранд ва барои ҳаракати мошин хело хафнок гардиданд (38 км роҳҳо ва 4 адад кӯпрук). Бахусус роҳи мошингарди Сари пул-Зарнисор (24 км), Лангари шоҳ-Кӯл (11 км), Ширинчашма-Себистон (3км) ва купрӯкҳои мошингарди деҳаи Саринай (12 м), Полезак (8 м), Дараи мазори боло (8м), Зарнисор (12м) ва Шарқиён (7м) дар ҳолати садамавӣ қарор дошта ба таҷдид ва барқарорсозӣ ниёз доранд.
Дар бисёр мавзеъҳо сатҳи болои роҳи мошингард аз сатҳи замин паст аст, ки дар натиҷаи боришот об ҷамъ шуда, қисми болопӯши роҳ ва паҳлӯҳои онро вайрон

[23]ҲРУ 9

месозад. Зиёда аз 49,5 км роҳи маҳаллӣ таъмир талаб буда, ба таъмири капиталӣ тақозо доранд, ки ин ба бехатарии ҳаракати нақлиёт таъсири манфӣ мерасонад[24].

### 4.5. Алоқа ва фазои итилоотӣ.

Ҳоло дар ноҳия қитъаи техникии хизматрасонии нуқтаҳои телефонӣ, ки дар тобеи ЧСК «Тоҷиктелеком» мебошад, корхонаи асосии соҳаи алоқаи ноҳия ба шумор меравад. Дар корхонаи мазкур 2 нафар коргар фаъолият дорад, ки аз ин 1 нафар муҳандиси пешбар мебошад. Дар тавозуни корхона як пойгоҳи 608-рақама мавҷуд аст, ки айни замон дар он 534 рақам истифода мешавад ва рақамҳои боқимонда аз кор мондаанд. Мумкин аст дар сурати дастрас гардидани ноқил, симчӯбҳо ва дигар таҷҳизотҳои зарурӣ шабакаи 542-рақама мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шавад. Дар ноҳия 176 км каналҳои телефонии байни деҳотӣ, 1 адад истгоҳи шабакаи телефонӣ, ки дорои 608 рақам мебошад ва 1 адад дастгоҳи телефонҳои асосӣ мавҷуд аст.

Сокинони ноҳия аз ширкатҳои мобилии хусусии «Тсел», «Вавилон», «Мегафон», «Билайн» ва «ТК-Мобайл» истифода мебаранд. Ҳоло аз маркази шаҳри Душанбе то маркази ноҳия хатти алоқаи нурӣ кашида шудааст, ки аз ҳудуди ноҳия убур карда то ноҳияи Лахш мерасад. Ин имкон дод, ки муштариён бо алоқаи интернетӣ ва почтаи электронӣ пайваст шаванд.

Дар ноҳия пойгоҳи пахши мавҷҳои телевизионӣ амал мекунад, ки аҳолии ноҳияро аз тамошои барномаҳои «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо», «Шабакаи аввал», “Варзиш” ва “Синамо”бархурдор менамояд.
Ноҳия дорои рӯзномаи «Паёми Тоҷикобод» мебошад. Мутаассифона, аз сабаби набудани бинои матбаа ва таҷҳизоти чопӣ рӯзнома дар ноҳияи Ғарм ва шаҳри Душанбе бо теъдоди 800 нусха интишор мешавад. Мушкилии дигари матбааи ноҳия надоштани нақлиёти автомобилӣ аст, ки дар натиҷа кормандони соҳа наметавонанд аз деҳаҳои дурдасти ноҳия маводи нашрӣ ҷамъ намоянд ё ба деҳаҳои мазкур маводҳои нав ба нави рӯзномаро паҳн намоянд.

**Мушкилиҳои асосии** соҳаи алоқа набудани таҷҳизоти радиошунавонӣ, норасогии маводҳо аз қабили ноқил ва симчӯб барои васеъ кардани фарогирии хатти телефонӣ, набудани бинои матбаа дар ноҳия мебошад.

## БОБИ 5. Ҳифзи муҳити зист ва пешгирии хавфи ҳолатҳои фавқулодда

**Пешгирии хавфи ҳолатҳои фавқулодда.** Ноҳияи Тоҷикобод дар мавзеи аз лиҳози ҷуғрофӣ куҳсор ва номусоид ҷойгир шудааст, ки мунтазам аз ба вуқӯъ пайвастани офатҳои табиӣ (фаромадани тарма, ярч, омадани сел ва обхезӣ) ба иқтисодиёти ноҳия хисороти зиёд мерасад. Дар давоми солҳои 2019 ва 2020 дар мавзеи Регак, таъсири сел ба км 98, км 201, км 202, км 203-юми шоҳроҳи Ваҳдат-Рашт-Ҷиргатол-Саритош, инчунин дар деҳаҳои Сафедорон, Полезак, Дараи Нушор, Ширинчашма, Сари най, Себистон, Ғанишоб ва сафедоб бинобар заминларза ва боришоти зиёд сел омада ба аҳолӣ зарари калони моддӣ расонд. Инчунин деҳаҳои Сари най ва Мазори боло аз хатари фаромадани тарма зарар диданд ва ин таҳдиди табиӣ ҳамасола идома дорад. Дар натиҷа роҳҳо ва қубурҳои обгузар вайрон гардиданд. Ҳангоми обхезӣ бошад дарёҳои байни деҳаҳо аз маҷрои худ берун рафта қисми майдони заминҳои таъиноти кишоварзиро шуста мебаранд, ки ин дар натиҷа ба

---

[24]ҲРУ 11

коҳиш ёфтани сатҳи даромади аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад[25]. Бинобар ин, барои бартарафсозии хатари офатҳои табиӣ ва иҷрои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ба масофаи 2,6 ҳазор метр дар миқёси ноҳия (хусусан барои аз сел муҳофизат намудани канали Дараи Нушор, роҳи мошингарди байни деҳаҳои Нушори боло ва дараи Нушор) афзалияти аввалиндараҷа мебошад.

Дар ноҳия мунтазам Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ амал мекунад, ки марбут ба пешгирии ҳолатҳои офатҳои табиӣ, муҳофизати аҳолӣ ва хоҷагиҳо, омӯзиши аҳолӣ ва таъминоти омодабоши доимии воситаҳои техникӣ барои рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда, кӯмак ба аҳолии ҷабрдида, тақсими мақсадноки кӯмакҳои башардӯстона ба аҳолии зарардида тадбирҳои муассир меандешад[26]. Айни замон, дар ҳудуди ноҳия 10 адад сойҳо, ки аз марзи тамоми ҷамоатҳо ҷорӣ мешаванд, ҳамчун минтақаҳои асосии хавфнок ҳисобида мешаванд. Бештар дар ин самт нуқтаҳои аҳолинишине, ки дар доманаи кӯҳ ҷойгир шудаанд ба гуруҳи минтақаҳои хавфнок тааллуқ доранд. Аз ҷамоати деҳоти Ширинчашма 5 оила (48 нафар), аз ҷамоати деҳоти Лангари шоҳ 5 оила (42 нафар) ва аз ҷамоати деҳоти Қалъаи Лаби об 23 оила (186 нафар) ҳамчун истиқоматкунандагони минтақаҳои хавфнок ба ҳисоб мераванд. Дар ин самт андешидани тадбирҳои амалӣ барои ба минтақаҳои бехавф кучонидани аҳолӣ зарур мебошад.

**Мушкилиҳои бахши ҳолатҳои фавқулодда**:

- маҳдуд будани воситаҳои молиявӣ дар буҷети маҳаллӣ барои рафъи оқибати ҳолатҳои фавқулодда;
- арзёбӣ нагардидани дараҷаи осебпазирӣ ба хавфи офатҳои табиӣ пеш аз бунёди иншоотҳои мухталиф;
- огаҳӣ надоштан аз усулҳои бунёди биноҳои ба заминларза тобовар;
- мунтазам нагузаронидани чорабиниҳо (корҳои фаҳмондадиҳӣ) оид ба бархӯрдории аҳолӣ оиди ба вуқӯъ пайвастани офатҳои табиӣ;
- самаранокии пасти расонидани кӯмаки таъҷилӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда.

**Вазифаҳои асосӣ:**

- Бартараф созии хатари офатҳои табиӣ ва иҷрои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ба масофаи 2,6 ҳазор метр дар миқёси ноҳия дар шафати роҳи мошингарди байни деҳаҳои Нушори боло ва дараи Нушор барои аз сел муҳофизат намудани канали Дараи Нушор,
- тоза кардани дохили дарё аз сангу шағал ба масофаи 5 км дар ҳудуди деҳаҳои Полезак, Нушор, Шарқиён барои эмин нигоҳ доштани манзилҳои истиқоматӣ аз сел ва обхезӣ,
- тоза кардани дохили дарё аз сангу шағал ба масофаи 2,3 км дар мавзеи Шураки Карпалӣ,
- тоза кардани дохили дарё аз сангу шағал ба масофаи 3 км дар ҳудуди деҳаҳои Мазори боло ва Лангари Шоҳ, барои эмин нигоҳ доштани манзилҳои истиқоматӣ аз сел ва обхезӣ,
- тоза кардани селпарто ва дохили дарё аз сангу шағал ба масофаи 4,2 км дар ҳудуди деҳаҳои Сабзазор ва Деҳаи Эшон,

---

[25]ҲРУ 1

[26]ҲРУ 13

- бехтар намудани заминаи моддию техникии бахши Кумитаи ҳолатҳои фавқуллоддаи ва мудофиаи гражданӣ дар н.Тоҷикобод тавассути таъмини он бо техника ва маводҳои зарурӣ.

**Натиҷаҳои пешбинишуда:**

- бартараф гаштани хатари офатҳои табиӣ дар н.Тоҷикобод,
- ҳамасола аз минтақаҳои хавфнок ба минтақаҳои бехавф кучонидани аҳолӣ амалӣ мегардад.
- Нақшаи тасдиқшудаи чорабиниҳои бахши Кумитаи ҳолатҳои фавқуллоддаи ва мудофиаи гражданӣ дар н.Тоҷикобод оид ба паст намудани хавфи офатҳои табиӣ татбиқ мегардад.
- таъмин гаштани бахши Кумитаи ҳолатҳои фавқуллоддаи ва мудофиаи гражданӣ дар н.Тоҷикобод бо техника ва маводҳои зарурӣ.

## БОБИ 6. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими низоми идоракунии татбиқи “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Тоҷикобод барои солҳои 2021-2025”, низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни иҷроиши корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад.

Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо амри Раиси нохия таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллии нохия). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро Раиси нохия ё яке аз муовинони он сарварӣ мекунад. Тибқи амри мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди нохия - сардори бахши рушди иқтисод ва савдо шахси масъул таъин карда мешавад.

Аз ҷониби тамоми сохторҳои соҳавӣ нусхаи ҳисоботи семоҳаи ҳамаи лоиҳаҳои дар БРН дохилшуда барои ҳисобот ба бахши рушди иқтисод ва савдо пешниҳод мешавад. Муҳим аст, ки давра ба давра малака ва дониши аъзои гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ баланд бардошта шавад.

**Сохтори низоми мониторинг ва арзёбӣ.**

Барои мониторинги Барномаи рушди нохия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур мебошад:

- то кадом андоза ҳадафҳои Барнома амалӣ шуда истодаанд;
- дар доираи Барнома, лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Ба ифодаи дигар, бояд мониторинги натиҷаҳои нақша (дар ин ҷо сухан дар бораи натиҷаҳои Барнома дар маҷмӯъ меравад, на натиҷаҳои лоиҳаҳои ҷудогонаи он) ва мониторинги ҷараёни татбиқи лоиҳаҳо гузаронида шавад.

Мутаносибан низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

***Мониторинги натиҷаҳои нақша*** бо роҳи ченкунии аҳамияти индикаторҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, муваффақшавии ҳадафҳои нақшаро аз рӯи он мулоҳиза намудан мумкин аст, ки то кадом андоза мақсадҳои нишондиҳандаҳо ба даст омадаанд. Ҳамаи нишондодҳои пешниҳодгардида дар хазинаи маълумотҳои бахши омори нохия мавҷуданд. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

***Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо*** дар доираи Барнома, тавассути параметрҳои зерин гузаронида мешавад: назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо

барнома. Дар ин маврид ҷадвали электронӣ бо формати Excel таҳия мешавад ва бояд ҳар семоҳа ба таври синхронӣ ва бо ҳисоботнокии лоиҳаҳо тасҳеҳ карда шавад.

Азбаски сатҳи коркарди лоиҳаҳои БРН гуногун аст, он дар таҳияи низоми мониторинг ба назар гирифта шудааст. Лоиҳаи ба Барнома дохилкардашуда метавонад 5 ҷойгоҳ дошта бошад. Инчунин, он метавонад тамоман таҳия нашуда ва ҳоло дар марҳилаи таҳия қарор дошта бошад, лекин дар Барнома номи он зикр гардидааст. Лоиҳаҳое низ ҳастанд, ки пурра таҳия шудаанд, вале аз сабаби набудани маблағ ё дигар омилҳо татбиқи онҳо оғоз нагардидааст. Инчунин лоиҳаҳое ҳастанд, ки дар арафаи анҷомёбӣ қарор доранд ва лоиҳаҳое мавҷуданд, ки онҳо аллакай иҷро шудаанд.

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон/экспертҳо), ки ҳолати бахши мазкурро донанд, гузаронида мешавад.